# БЮЛЛЕТЕНИ

# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЮЛЛЕТЕНЬ

# ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**№ 3-4 (31-32) 2024**

**БЮЛЛЕТЕН АЗ СОЛИ 2017 НАШР МЕШАВАД.**

БЮЛЛЕТЕН ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 01.03.2024,
№ 336/МҶ-97 САБТИ НОМ ШУДААСТ.
БЮЛЛЕТЕН ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД.

ДУШАНБЕ – 2024

**Сармуҳаррир:**
***Давлатзода* С.Х.** – доктори илмҳои биологӣ, профессор, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муовини сармуҳаррир:**
***Шарифзода М.М.*** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Котиби масъул:**
***Маъруфӣ Р.Н.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, саркотиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**
***Вализода Ҳ.С.*** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ
***Муродзода А.А.*** – номзади илмҳои таърих, и.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ
***Гулзода А.Б.*** – номзади илмҳои техникӣ, и.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ

**Масъули чоп:**
Шарипов Д.А.

**Главный редактор:**

***Давлатзода С.Х.*** – доктор биологических наук, профессор, председатель Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Заместитель главного редактора:**

***Шарифзода М.М.*** – доктор экономических наук, профессор, заместитель председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Ответственный секретарь:**

***Маъруфи Р.Н.*** – доктор юридических наук, главный ученый секретарь Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Редакционная коллегия:**

***Вализода Х.С.*** – кандидат филологических наук, заведующий аттестационным отделом общественно-гуманитарных наук

***Муродзода А.А.*** – кандидат исторических наук, и.о. заведующий аттестационным отделом медицинских, фармацевтических, биологических, ветеринарных и аграрных наук

***Гулзода А.Б.*** – кандидат технических наук, и.о. заведующий аттестационным отделом естественно-математических и технических наук

**Ответственный за выпуск:**

Шарипов Д.А.

# МУНДАРИЧА

Дастурамал дар бораи санҷиш аз рӯйи барномаи компютерии Антиплагиат

Тартиби иштирок ва баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ................................

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои таъсиси шурои дисссертатсионӣ ..........
Намунаҳои ҳуҷҷатҳо.......................................................................

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои тамдиди фаъолияти шурои дисссертатсионӣ
Намунаҳои ҳуҷҷатҳо.......................................................................

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина...............
Намунаҳои ҳуҷҷатҳо.......................................................................

Номгӯйи ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталабони унвони илмӣ барои пешниҳод ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .........................................................
Намунаҳои ҳуҷҷатҳо .....................................................................

Номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои баробарарзишии ҳуҷҷатҳои дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда...............
Намунаҳои ҳуҷҷатҳо.......................................................................

Номгӯ ва намунаи ҳуҷҷатҳо барои ворид намудани маҷаллаи илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Перечень документов по созданию диссертационного совета.......
Образцы документов .....................................................................

Перечень документов по продлению деятельности диссертационного совета.................................................................................................
Образцы документов

Перечень документов для организации разовой защиты...............
Образцы документов .....................................................................

Перечень документов аттестационного дела соискателей ученого звания представляемые в Высшую аттестатсионную комиссию при Президенте Республики Таджикистан....................................................
Образцы документов.......................................................................

Перечень документов для нострификации документов об ученой степени и ученого звания.......................................................................
Образцы документов.......................................................................

Перечень и образцы документов о включении научного журнала в Перечень рецензируемых научных журналов (изданий) Республики Таджикистан

ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «____»___________ соли 202__ № ______ ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи санадҳои ҳуқуқии дохилӣ

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Санадҳои ҳуқуқии дохилии зерин тасдиқ карда шаванд:
- Дастурамал дар бораи санҷиш аз рӯйи барномаи компютерии Антиплагиат (замимаи 1);
- Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (замимаи 2);
- Дастурамали баробарарзишии ҳуҷҷатҳо оид ба дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ ба даст оварда шуда (замимаи 3);
- Тартиби иштирок ва баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ (замимаи 4).

2. Дар мавриди пешбурди фаъолият дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ талаботи санадҳои болозикр ба роҳбарӣ гирифта шавад.

3. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Сарватманди Қ.) вазифадор карда шавад, ки тибқи талабот нусхаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии зикршударо ба муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, № 13

Раис Давлатзода С.

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 декабри соли 2024, № 493

# ДАСТУРАМАЛ
## дар бораи санҷиш аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат»

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали мазкур дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ таҳия гардида, тартиби санҷиши матни диссертатсияҳо ва автореферати онҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, доктор ҳабилитат, номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, дигар интишороти довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмиро оид ба мавҷуд будани сирқати илмӣ ё наовардани истинод ба маводи истифодашуда танзим менамояд.

2. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **сирқати илмӣ** - истифодаи ғайриқонунии маводи муаллифи дигар бе овардани истинод ба сарчашмаи аслӣ, инчунин ба худ нисбат додани натиҷаҳои эҷодӣ ё илмии каси дигар;
- **худиқтибосоварӣ** - истифодаи матн, ғояҳо ё натиҷаҳои корҳои пешинаи худи муаллиф бе овардани истиноди дахлдор ба онҳо;
- **бозгӯӣ** - баён намудани фикру ақидаҳои муаллифи дигар бо суханони худ;
- **модули азнавбаёнкунӣ** - қисми барнома, ки матнҳои бо суханони дигар навишташударо муайян мекунад;
- **иқтибоси саҳеҳ** - порчаи матн, ки айнан мувофиқи сарчашмаи аслӣ оварда шудааст ва бо истиноди дуруст таъмин гардидааст;
- **иқтибоси беистинод** - порчаи матн аз сарчашмаи илмии дигар, ки бе овардани истинод истифода шудааст;
- **асолати матн** – маҳсули зеҳнии муаллифи матн, ки бо фоиз ифода карда мешавад ва матни аз ҷониби муаллиф мустақилона навишташударо нишон медиҳад;
- **санҷиши маҷозӣ** - санҷиши матн тавассути интернет ва барномаи компютерӣ.

## 2. ТАРТИБИ САНҶИШИ ДИССЕРТАТСИЯҲО АЗ РӮЙИ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРИИ АНТИПЛАГИАТ

3. Санҷиши диссертатсияҳо оид ба ҷой доштан (надоштан)-и сирқати илмӣ ё наовардани истинод ба маводи истифодашуда бо истифода аз барномаи компютерии «Антиплагиат» амалӣ мегардад.

4. Ба Комиссия нусхаи электронии диссертатсия ва автореферат дар шакли электронӣ пешниҳод мегардад, ки он бояд ба талаботи зерин мувофиқат намояд:

- парвандаҳои (файлҳои) пешниҳодшуда бояд тавассути барномаи MS Word боз шаванд;
- ҳаҷми парвандаҳо (файлҳо) набояд аз 10 Мбайт зиёд бошад;
- расмҳо, ҷадвалу нақшаҳо, тасвирҳо ва иттилооти дигари графикӣ дар формати .jpg пешниҳод карда шаванд.

5. Ҳангоми риоя нагардидани шартҳои банди 3, диссертатсия ва автореферат бе санҷиш бозпас гардонида мешавад.

6. Қисматҳои зерини диссертатсия ва автореферат санҷида мешаванд:

*Диссертатсия:*

- мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия
- ҳадафҳои таҳқиқот
- вазифаҳои таҳқиқот
- навгониҳои таҳқиқот
- нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда
- аз боби якум (ба истиснои мавод ва методҳои таҳқиқот) то хулоса ва пешниҳодҳо

*Автореферат:*

- мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия
- ҳадафҳои таҳқиқот
- вазифаҳои таҳқиқот
- навгониҳои таҳқиқот
- нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда
- қисмати асосии автореферат ва хулосаю пешниҳодҳо (ба истиснои истинодҳои поварақӣ).

7. Асолати матни диссертатсияҳо аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» на кам аз 75% бо дарназардошти то 15% иқтибосҳои саҳеҳ (барои илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ бо бекор кардани модулҳои азнавбаёнкунӣ на кам аз 70%) ва автореферат на кам аз 80% бо дарназардошти то 10% иқтибосҳои саҳеҳ (барои илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ бо бекор кардани модулҳои азнавбаёнкунӣ на кам аз 75%) бояд бошад.

8. Дар ҳолати ба талаботи болозикр ҷавобгӯ будани асолати матни диссертатсия ва автореферати санҷидашуда корманди масъули Комиссия,

ки санҷиши маводи пешниҳодшударо гузаронидааст, маълумотномаро имзо ва дар дафтари махсус қайд намуда, бо гузориш ба раиси Комиссия манзур месозад.

9. Агар диссертатсия ва автореферати санҷидашуда ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ набошад, ҷой доштани 30% ва зиёда аз он иқтибоси беистинод аз як сарчашма тасдиқ шавад, гузориш бо замимаи маълумотнома барои санҷиши иловагӣ ва қабули қарори асоснок ба гурӯҳи кории Комиссия супорида мешавад.

10. Гурӯҳи корӣ диссертатсия ва авторефератро такроран мавриди санҷиш қарор дода, дар ин хусус қарори асоснок қабул мекунад, ки аз тарафи ҳамаи аъзои он имзо мегардад. Қарори гурӯҳи корӣ тавассути протоколи ҷаласа барасмият дароварда мешавад.

11. Протоколи ҷаласаи гурӯҳи корӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳои дахлдор ба раиси Комиссия пешниҳод мегардад.

12. Агар муаллиф бо натиҷаи санҷиш розӣ набошад, хатогиҳои техникиро ҳангоми санҷиш ошкор намояд ва далелҳои асоснок оид ба нодурустии натиҷаи санҷиш дошта бошад, метавонад хаттӣ муроҷиат намояд.

13. Муроҷиат дар шакли хаттӣ ба номи раиси Комиссия пешниҳод карда мешавад. Ба муроҷиат ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:
- нусхаи маълумотнома оид ба натиҷаи санҷиш;
- далелҳои хаттӣ бо мушаххас нишон додани эродҳо;
- нусхаи электронии диссертатсия ва автореферат;
- дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (дар ҳолати мавҷуд будан).

14. Муроҷиат дар давоми 15 рӯзи корӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, муҳлати баррасӣ метавонад то 30 рӯзи корӣ тамдид карда шавад.

15. Муроҷиат бо дастури раиси Комиссия аз ҷониби гурӯҳи корӣ санҷида мешавад. Ба гурӯҳи корӣ мумкин аст мутахассисони соҳа шомил карда шаванд.

16. Муаллиф метавонад ҳангоми баррасии муроҷиат дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ иштирок намояд, далелҳои иловагӣ пешниҳод намояд ва аз натиҷаи баррасии муроҷиат нусхаи хулоса гирад.

17. Аз натиҷаи баррасии муроҷиат қарор қабул карда мешавад. Қарор метавонад яке аз натиҷаҳои зеринро дошта бошад:
- тасдиқи натиҷаи санҷиши аввала;
- бекор кардани натиҷаи санҷиши аввала;
- таъини санҷиши такрорӣ:
- тасдиқи санҷиши такрорӣ.

## 3. ТАРТИБИ САНҶИШИ ДИССЕРТАТСИЯҲО ВА АВТОРЕФЕРАТҲО ПЕШ АЗ ҲИМОЯ

18. Санҷиши диссертатсия ва автореферати он пеш аз ҳимоя тавассути барномаи компютерии «Антиплагиат»-и Комиссия икдоми ихтиёрии довталаб мебошад.

19. Довталаб гунаи электронии диссертатсия ва автореферátро пеш аз ҳимоя, тариқи маҷозӣ ба суроғаи электронии Комиссия бо замимаи нусхаи расиди бонкӣ ирсол менамояд.

20. Муҳлати санҷиш дар барномаи «Антиплагиат»-и Комиссия 5 рӯзи корӣ буда, маълумотнома бо QR-рамз аз натиҷаи санҷиш ба суроғаи электронии довталаб ирсол карда мешавад.

21. Пас аз гирифтани натиҷаи санҷиш агар он ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ набошад, довталаб ҳуқуқ дорад дар давоми на кам аз 10 рӯзи тақвимӣ нусхаи ислоҳшудаи диссертатсия ва автореферáтро такроран барои санҷиш пешниҳод намояд.

22. Нусхаи ислоҳшуда бояд бо маълумотнома, ки дар он тағйироти воридшуда шарҳ дода шудаанд, пешниҳод карда шавад. Ба нусхаи ислоҳшуда бояд нусхаи маълумотномаи санҷиши қаблӣ замима карда шавад.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

23. Комиссия метавонад дигар маводи чопиро, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашриёт интишор шудаанд, барои муайян кардани асолати онҳо аз санҷиш гузаронад ва ба дархосткунандагону мақомоту идораҳои давлатии дахлдор маълумотнома пешниҳод намояд.

24. Натиҷаи санҷиши маводи чопӣ бо барномаи компютерии «Антиплагиат» хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳамон вақт қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад, ки далелҳои дар он буда, исбот карда шаванд.

25. Санҷиш дар барномаи компютерии «Антиплагиат» музднок буда, аз рӯйи нархномаи дахлдори бо тартиби муқарраршуда тасдиқшуда, ба суратҳисоби махсуси Комиссия аз ҷониби довталаб ба тариқи ғайринакдӣ пардохт карда мешавад.

26. Қарорҳои Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7 «Дар бораи Дастурамал оид ба санҷиши мавҷуд будани (набудани) асардуздӣ (плагиат) аз рӯйи барномаи компютерӣ», аз 25 апрели соли 2019, №4 «Дар бораи Дастурамал оид ба санҷиши мавҷуд будани (набудани) асардуздӣ (плагиат) аз рӯйи барномаи компютерӣ» ва аз 29 апрели соли 2021, №4 «Дар бораи Дастурамал оид ба санҷиши дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати диссертатсия аз рӯйи барномаи компютерии Антиплагиат» аз эътибор соқит дониста шаванд.

Замимаи 2
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 декабри соли 2024, № 493

## ДАСТУРАМАЛ
## оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (минбаъд-Дастурамал) тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм, доктори илм ва доктори ҳабилитат, талабот ва қоидаҳои таҳияи дигар маводди илмиро танзим менамояд.

2. Барасмиятдарории диссертатсияҳое, ки дорои сирри давлатӣ ё хидматӣ мебошанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррар карда мешаванд.

3. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

**-диссертатсия** – таҳқиқоти илмии тахассусии мустақилона иҷрошудае мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллиф дар соҳаи илм шаҳодат дода, ҳалли масъалаи илмӣ ё омӯзиши масъалаи илмии интихобгардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллифро фаро мегирад;

**автореферат** – фишурдаи таҳқиқоти илмии тахассусие, ки аз ҷониби муаллиф дар доираи маводди диссертатсия тартиб дода шуда, мазмуни асосӣ, нуктаҳои асосии ҳимояшаванда, хулосаҳои умумии таҳқиқот ва пешниҳоду тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои онро дар бар мегирад.

4. Диссертатсия барои ҳимоя дар шакли дастнависи махсус омода ва пешниҳод карда мешавад. Мазмуни он бояд ба номи мавзуи интихобшуда мутобиқат намояд. Натиҷаҳои нави илмии аз ҷониби муаллиф ба даст овардашуда бояд дар асоси методологияи илмии дар соҳаи номбурдаи илм қабулгардида исбот шуда бошанд ва ба таври воқеъбинона дар муқоиса бо натиҷаҳои қаблан маълумбуда арзёбӣ шаванд.

5. Диссертатсия ва автореферати он ба забони тоҷикӣ ва русӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки онҳо аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд, ки муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд ё

муваққатан иқомат доранд (минбаъд–шаҳрвандони хориҷӣ), ба забони англисӣ (дар ин ҳолат матни диссертатсия бо забони англисӣ, автореферат бошад, бо забони англисӣ ва забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мегарданд ) омода ва ҳимоя карда мешаванд**.**

## 2. СОХТОРИ ДИССЕРТАТСИЯ

6. Диссертатсия бояд дорои сохтори зерин бошад:

- Сарсаҳифа;
- бахши «Мундариҷа»;
- бахши «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ» (ҳангоми зарурат);
- бахши «Муқаддима»;
- бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот»;
- бахши «Қисмҳои асосии таҳқиқот (бобҳои диссертатсия)»;
- бахши «Хулоса ва тавсияҳо»
- бахши «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)»
- бахши «Замимаҳо» (дар мавриди зарурат).

## 3. БАРАСМИЯТДАРОРИИ ДИССЕРТАТСИЯҲО

7. Сарсаҳифа, саҳифаи якуми диссертатсия буда, тибқи замимаи 1 Дастурамали мазкур ба расмият даровarda мешавад ва дар он аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ имзо гузошта мешавад.

8. Сарлавҳаҳои бахши «Мундариҷа» бояд сарлавҳаҳои матнро айнан такрор намоянд. Ихтисор ё дигар гуна ифодакунии сарлавҳаҳо, ки аз мундариҷа фарқ дошта бошанд, иҷозат дода намешавад. Охирин калимаи сарлавҳа бо рақами ба он мувофиқи саҳифаи фарогири матн дар сутуни тарафи рости мундариҷа бо бисёрнуқта пайваст мегардад.

9. Ҳангоми дар диссертатсия истифода шудани истилоҳоти махсус, ихтисораҳо, аббревиатураҳо, аломатҳои шартӣ (минбаъд– ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ) онҳо дар бахши «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ», ки пеш аз бахши «Муқаддима» қарор мегирад, гирд оварда мешаванд.

10. Дар бахши «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ» ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ ба шакли сутун бо тартиби алифбо, ё бо тартиби истифодаи нахустини онҳо дар матн ҷойгир мешаванд. Аз тарафи рости онҳо шарҳи муфассали ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ дода мешавад. Дар ҳолати дар диссертатсия аз панҷ маротиба камтар такрор ёфтани ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, шарҳи онҳо дар матн танҳо ҳангоми нахустин бор истифода шудан, оварда мешавад.

11. Диссертатсия вобаста ба самтҳои илм ба расмият даровarda

мешавад (замимаи 1 ва 2 Дастурамали мазкур).

12. Дар бахши Муқаддима - мубрамӣ ва зарурати пешбурди таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия барои ҳалли масъалаи илмӣ, омӯзиши масъалаи илмии интихобгардида, рушди равандҳои мушаххас дар самти дахлдори илм асоснок карда шуда, мавқеи диссертатсия дар байни дигар таҳқиқоти ин соҳа инъикос мегардад.

Бахши «Муқаддима» унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

12.1. **Мубрамии мавзуи (предмет) таҳқиқот** - маънои муҳим, саривақтӣ ва зарур будани масъалаи таҳқиқшавандаро дошта, яке аз меъёрҳои асосии баҳодиҳии диссертатсия мебошад, ки арзиши илмӣ ва амалии онро дар бар мегирад. Дар доираи он мавҷудияти масъалаҳои ҳалношуда, зарурати рушди назария, такмили методологияи мавҷуда асоснок шуда, холигиҳои назариявӣ, баҳсҳо ва ҳамгироии илмии мавҷуда муайян карда мешаванд ва зарурати таҳқиқоти наву аҳамияти масъала исботи худро меёбад. Ҳамзамон роҳҳои ҳалли масъала (баҳсҳои илмӣ) нишон дода мешавад.

12.2. **Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ** - нишондиҳандаи муҳимест, ки сатҳи омӯзиши масъалаи таҳқиқшавандаро то ин давра дар илм инъикос мекунад. Таҳлили дараҷаи таҳқиқи мавзуъ имкон медиҳад, ки мавқеи таҳқиқоти нав дар илм муайян карда шуда, саҳми он дар рушди соҳаи илм нишон дода шавад. Дар рафти он корҳои бунёдии илмӣ, таҳқиқоти муосир, диссертатсияҳои ҳимояшуда ва мақолаҳои вобаста ба самти илмӣ таҳлил гардида, паҳлуҳои омӯхташудаи масъалаҳои баҳснок, ҷанбаҳои омӯхтанашуда ва масъалаҳои ҳалталаб муайян карда мешаванд.

12.3. **Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ -** нишондиҳандаи муҳимми мутобиқати кори илмӣ ба стратегияҳои давлатӣ, самтҳои афзалиятноки рушди илм, ҳамчунин нишондиҳандаи муҳимми сифат ва аҳамияти кори илмӣ буда, барои баҳодиҳии мусбии он замина фароҳам меорад. Мисол шуда метавонанд барномаҳои давлатии рушди илм, стратегияҳои миллӣ, самтҳои афзалиятноки илмӣ, лоиҳаҳои давлатии илмӣ, барномаҳои соҳавии таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои махсуси илмӣ, мавзуъҳои муҳимми соҳавӣ, стратегияю барномаҳои рушди соҳа, нақшаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мавзуъҳои илмии кафедраҳо (шуъбаҳо), лоиҳаҳои муассисавӣ ва барномаҳои таҳқиқотии дохилӣ, минтақавӣ ва хориҷӣ.

13. **Тавсифи умумии таҳқиқот** - ин тавсифи мухтасар ва мураттаби тамоми ҷанбаҳои асосии таҳқиқот буда, бояд тасаввуроти пурра дар бораи таҳқиқот, натиҷаҳо ва аҳамияти онро фароҳам оварад. Он дар муқаддимаи диссертатсия оварда шуда, унсурҳои асосии пай дар пайи таркибии зеринро дар бар мегирад:

13.1. **Мақсади таҳқиқот** - ин натиҷаи ниҳоии дар назар доштaшудаи фаъолияти таҳқиқотӣ мебошад, ки барои ҳалли проблемаи илмӣ равона карда шудааст. Ҳангоми муайян кардани мақсади таҳқиқот бояд

мушкилоти асосии ҳалталаб муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли он пешбинӣ ва натиҷаҳои интизорӣ тасвир карда шавад. Ҳамзамон аҳамияти илмӣ ва амалии он бояд асоснок гардад.

13.2. **Вазифаҳои таҳқиқот** - ин маҷмӯи амалҳои мушаххас мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсади асосии таҳқиқот равона карда шудааст. Вазифаҳо бояд пайдарпай ва мантиқан асоснок буда, ҳар як вазифа ба ҳалли як қисми мушкилоти таҳқиқот равона карда шавад ва маҷмӯи вазифаҳо ҷиҳати расидан ба мақсади асосӣ мусоидат кунанд, ҳамчунин вазифаҳо бояд мушаххас ва санҷидашаванда бошанд.

13.3. **Объекти таҳқиқот** - ин соҳа ё раванди воқеияти иҷтимоӣ мебошад, ки дар он мушкилоти таҳқиқотӣ мавҷуд аст ва омӯзиши он барои ҳалли масъалаҳои илмӣ равона карда шудааст. Зимнан зарур аст, ки объекти таҳқиқот ба соҳаи илмии интихобшуда мувофиқат кунад, мушкилоти ҳалталаб мавҷуд бошад ва имконияти гузаронидани таҳқиқоту аҳамияти илмӣ доштани он нишон дода шавад.

13.4. **Мавзуи (предмет) таҳқиқот** - ин ҷанбаи мушаххаси объекти таҳқиқот мебошад, ки дар доираи он масъалаи илмӣ омӯхта мешавад. Ин қисми махсуси объект аст, ки диққати асосии муҳаққиқ ба он равона карда шудааст. Мавзуи таҳқиқот бояд мушаххас буда, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ дошта бошад, ҳамзамон ба ихтисос мутобиқат кунад (кӯтоҳ ва фарогири масъалаҳои матраҳшаванда бошад).

13.5. **Фарзияи таҳқиқот*** - ин тахмини илман асоснокшудае мебошад, ки барои ҳалли масъалаи таҳқиқотӣ пешниҳод гардида, бояд дар раванди таҳқиқот санҷида ва исбот карда шавад. Фарзияи таҳқиқот бояд аз давраҳои таҳлили масъала, омӯзиши назарияҳои мавҷуда, ҷамъбасти таҷрибаи амалӣ ва пешниҳоди тахмини илмӣ иборат бошад.

13.6. **Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот** (доираи таърихии таҳқиқот) **- ин муайянкунии чаҳорчӯбаи замонӣ, маконӣ ва марҳилаҳои асосии гузаронидани таҳқиқот мебошад. Марҳилаҳои таҳқиқот бояд аз марҳилаи омодагӣ, яъне интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи кор, омӯзиши адабиёт, муайянкунии методология; марҳилаи асосӣ, яъне ҷамъоварии маълумот, гузаронидани таҷриба, коркарди натиҷаҳо, таҳлили маълумот ва марҳилаи ҷамъбастӣ, яъне хулосабарорӣ, тасвиби натиҷаҳо, таҳияи тавсияҳо ва нашри мақолаҳо иборат бошад. Макони таҳқиқот бояд муассисаҳои мушаххас, минтақаҳои географӣ, ташкилотҳои алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоиро дар бар гирад. Давраи таҳқиқот ин ҳудуди замонии таҳқиқот буда, аз оғози таҳқиқот, анҷоми таҳқиқот, марҳилаҳои асосӣ ва давраҳои муҳим иборат аст.

---

* Барои самти илмҳои педагогӣ, сиёсатшиносӣ, психологӣ ва иқтисодиёт

** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, таърих, фалсафа, сотсиологӣ ва санъат

13.7. **Асосҳои назариявии таҳқиқот** - ин маҷмӯи консепсияҳо, назарияҳо ва қонуниятҳои илмие мебошанд, ки заминаи методологии таҳқиқотро ташкил медиҳанд ва пойдевори мустаҳками илмиро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ фароҳам меоваранд. Дар ин қисмат бояд асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи онро бо назарияҳои мавҷуда нишон дода, омӯзиши амиқи адабиёти илмӣ, таҳлили интиқодии назарияҳо ва муайян кардани мушкилоти ҳалнашуда сурат гирад.

13.8. **Асосҳои методологии таҳқиқот***** - маҷмӯи усулҳо, равишҳо ва воситаҳои илмие мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқотӣ истифода мешаванд. Онҳо стратегияи умумии таҳқиқотро муайян намуда, роҳи мушаххаси расидан ба ҳадафҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд.

13.9. **Сарчашмаи маълумот******- маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, мавод ва манбаъҳое мебошанд, ки барои таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода мешаванд ва асоси маълумоти корро ташкил медиҳанд. Дар рафти он сарчашмаҳои илмӣ, сарчашмаҳои расмӣ, сарчашмаҳои оморӣ ва маводди эмпирикӣ истифода мешаванд. Зимнан, сарчашмаҳо бояд эътимоднок ва муосир буда, ба мавзуъ мутобиқат намуда, зимни истифодаи он ҳуқуқи муаллифӣ риоя гардад. Сарчашмаҳои маълумот бояд барои таҳқиқот махзани мустаҳками иттилоотӣ фароҳам оваранд.

13.10. **Заминаҳои эмпирикӣ** ***** - маҷмӯи далелҳо, маълумот ва натиҷаҳои таҷрибавие мебошанд, ки дар раванди таҳқиқот бевосита ба даст оварда шудаанд ва асоси таҷрибавии диссертатсияро ташкил медиҳанд. Заминаҳои эмпирикӣ бояд барои хулосаҳои илмӣ далелҳои боэътимод фароҳам оваранд.

13.11. **Пойгоҳҳои таҳқиқот********- маҷмӯи шароит, имконият ва воситаҳое мебошад, ки барои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ заруранд. Он асоси моддӣ-техникӣ ва ташкилии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Пойгоҳи таҳқиқот бояд шароити мусоид барои гузаронидани таҳқиқоти сифатнок фароҳам орад. Унсурҳои асосии пойгоҳи таҳқиқот ин пойгоҳи моддӣ-техникӣ, пойгоҳи ташкилӣ ва пойгоҳи иттилоотӣ мебошанд.

13.12. **Навгонии илмӣ** - маҷмӯи натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмие мебошад, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд ва қаблан дар адабиёти илмӣ инъикос наёфтаанд. Навгонии илмӣ бояд саҳми воқеии таҳқиқотчиро дар илм нишон диҳад. Навгонии илмӣ - назариявӣ, методологӣ ва амалӣ мешаванд.

*** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, фалсафа ва сотсиологӣ

**** Барои самти илмҳои педагогӣ ва иқтисодиёт

***** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ, фалсафа ва санъат

****** Барои самти илмҳои иқтисодӣ, педагогӣ, фалсафа ва санъат

13.13. **Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** - ин хулосаҳои асосии илмӣ мебошанд, ки комилан нав ва қаблан пешниҳод нашудаанд ва аз ҷониби муаллиф барои ҳимояи диссертатсия пешниҳод мегарданд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда қисми муҳимми диссертатсия мебошад ва ҳангоми ҳимояи диссертатсия муҳокима карда мешаванд. Ҳар як нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда бояд мухтасару возеҳ ифода ва бо далелҳои илмӣ асоснок карда шавад, натиҷаҳои мушаххаси таҳқиқотро инъикос намояд ва саҳми шахсии муаллифро нишон диҳад. Онҳо натиҷаҳои асосии илмии дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардаи довталаби дараҷаи илмӣ буда, арзиши илмии онро нишон дода, дар кори илмӣ муфассал баён ва исбот шудаанд. Нуктаҳо бояд ба таври қатъӣ дар шакли андешаҳои тасдиқшаванда таҳия шуда бошанд. Диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм бояд 3 нукта (барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ 4 нукта) ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат 6 нукта (барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ 8 нукта) дошта бошанд.

13.14. **Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** нишон медиҳад, ки кори илмӣ чӣ гуна барои рушди илм ва ҳалли масъалаҳои амалӣ саҳм мегузорад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ду ҷанбаи асосии кори илмӣ мебошад. Аҳамияти назариявӣ - ин саҳми таҳқиқот дар рушди илм аст, ки дар натиҷаи он дониши илмӣ ғанӣ мегардад, мафҳумҳо ва назарияҳои нав ташаккул меёбанд, қонуниятҳои илмӣ муайян карда мешаванд ва усулҳои нави таҳқиқот пешниҳод мегарданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад ин натиҷаҳои амалии кори илмӣ мебошад, ки тавсияҳои амалӣ барои ҳалли масъалаҳои мушаххас, беҳтар кардани фаъолияти амалӣ дар соҳа, коркарди дастурҳои методию тавсияҳо ва дар раванди таълим ва амалияи истеҳсолот истифода шудани онро асоснок мекунад.

13.15. **Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия** нишон медиҳад, ки то чӣ андоза натиҷаҳои бадастомада боэътимод ва асоснок мебошанд*******. Эътимоднокии натиҷаҳо бо омилҳои зерин, аз ҷумла асосҳои методологӣ (истифодаи назарияҳои илмии тасдиқшуда, татбиқи усулҳои муосири таҳқиқот, риояи принсипҳои илмӣ), заминаи таҷрибавӣ (ҳаҷми кофии маводди таҳқиқотӣ, гузаронидани озмоишҳои зарурӣ, коркарди омории натиҷаҳо), тасдиқи натиҷаҳо (нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсияҳо, татбиқи амалии дастовардҳо, тақризҳои мусбати мутахассисон) ва санҷиши амалӣ (истифода дар фаъолияти амалӣ, тасдиқи самаранокӣ дар амал, ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда) таъмин мегарданд.

******* Вобаста аз соҳаи таҳқиқот

13.16. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** - ин мувофиқати мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмӣ мебошад. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос яке аз шартҳои асосии қабули кор ба ҳимоя мебошад, ки он самтҳои асосии илмӣ, масъалаҳои таҳқиқшаванда ва ҳудуди илмии ихтисосро муайян мекунад. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмии ҳамгиро бошад масъалаи муҳимми методологӣ дар раванди омодасозӣ ва ҳимояи диссертатсия мебошад. Дар ин маврид, дар таҳияи диссертатсия талаботи ҳар ду шиносномаи ихтисосҳои илмии интихобшуда ба назар гирифта шуда, дар нуқтаи бархӯрди ду соҳаи илм қарор гирад, методҳои таҳқиқотии ҳар ду соҳа истифода шавад, натиҷаҳо барои ҳар ду соҳа арзиши илмӣ дошта ва дар ҳар ду самт дастовардҳои нав дошта бошад.

13.17. **Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳияи диссертатсия маҷмӯи нишондиҳандаҳоест, ки мустақилияти муаллифро дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ тасдиқ мекунад. Ин мафҳум чунин ҷанбаҳои муҳим, ба монанди мустақилияти методологӣ (интихоби мустақилонаи мавзуъ ва самти таҳқиқот, таҳияи мустақилонаи методология, усулҳои таҳқиқот ва коркарди мустақилонаи консепсия ва фарзияҳои илмӣ) ва навгониҳои илмӣ (пешниҳоди ғояҳо ва консепсияҳои нав, коркарди усулҳои нави таҳқиқот ва ҳалли масъалаҳои илмии то ҳол ҳалнашуда)-ро дар бар мегирад.

Барои тасдиқи саҳми шахсӣ, довталаб бояд дар муқаддимаи диссертатсия саҳми худро ба таври возеҳ нишон диҳад, ҳамаи натиҷаҳои асосии бадастовардаашро бо далелҳо исбот намояд, нақши худро дар корҳои муштарак аниқ муайян кунад ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи иштироки шахсиашро пешниҳод намояд. Аҳамияти саҳми шахсӣ бошад барои баҳодиҳии сатҳи касбии довталаб, муайян кардани дараҷаи мустақилияти таҳқиқот, тасдиқи ҳаққонияти натиҷаҳои бадастомада ва баҳодиҳии аҳамияти илмию амалии кор зарур аст. Саҳми шахсӣ бояд дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, аз интихоби мавзуъ то ҳимояи диссертатсия равшан намоён бошад ва аз ҷониби шурои диссертатсионӣ ва мутахассисони соҳа эътироф гардад. Агар диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат идомаи мантиқии диссертатсияи номзадӣ ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бошад, он гоҳ то 30 % онро истифода бурдан мумкин аст.

13.18. **Тасвиб ва амалисозӣ** - марҳилаи муҳими раванди таҳқиқоти илмӣ буда, нишондиҳандаи муҳимми арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия мебошанд. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо нишондиҳандаи муҳими арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот буда, барои ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Тасвиб - ин раванди муҳокима ва санҷиши натиҷаҳои илмӣ мебошад, ки тавассути муаррифии натиҷаҳо дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои

илмӣ, ҷаласаҳои кафедра, симпозиумҳои илмӣ ва нашри натиҷаҳо дар маҷаллаҳои илмиву маҷмуаҳои конференсияҳо ва монографияҳо роҳандозӣ мегардад. Амалисозӣ бошад - ин татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар амал, яъне истифода дар раванди таълим, истеҳсолот, фаъолияти амалӣ ва соҳаҳои гуногун аст.

Аҳамияти тасвиб ва амалисозӣ барои илм ин пеш аз ҳама тасдиқи эътимоднокии натиҷаҳо, мубодилаи таҷриба бо ҳамкасбон, муайян кардани самтҳои нави таҳқиқот ва такмили методологияи илмӣ мебошад********.

13.19. **Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** - ин маҷмӯи корҳои илмии нашршуда оид ба мавзуи таҳқиқот мебошад. Интишороти илмӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми фаъолияти илмии довталаб буда, барои шиносоӣ ва баҳодиҳии олимони соҳавии дохил ва хориҷи кишвар, сатҳи касбӣ ва дастовардҳои илмии ӯ замина фароҳам меорад. Ҳамзамон, усули муаррифии натиҷаҳои илмии муҳаққиқон дар доираи этикаи касбӣ мебошад.

13.20. **Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** - ин тарзи ташкили дохилии диссертатсия мебошад, ки муносибати мантиқии қисмҳои таркибии онро таъмин менамояд ва аз муқаддима, бобҳо, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муаллиф ҳангоми зарурат метавонад зербобро ба чанд бахш тақсим намояд. Зимнан, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бояд на кам аз 3 боб ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат на кам аз 5 боб бошад. Ҳаҷми диссертатсия - ин миқдори умумии матни диссертатсия мебошад, ки бо миқдори саҳифаҳо чен карда мешавад ва вобаста ба дараҷаи илмӣ (номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат) ва самти илм муқаррар карда мешавад. Риояи талабот доир ба сохтор ва ҳаҷми диссертатсия барои қабули он ба ҳимоя ва арзёбии мусбати он аҳамияти калон дорад.

14. Қисмҳои асосии диссертатсия аз бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мегарданд, иборат мебошанд. Тақсим намудани диссертатсия ба бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо, инчунин, пайдарпайии онҳо бояд ҷанбаи мантиқӣ дошта бошад. Тақсими маводди асосии диссертатсия ба бобҳо, бахшҳо ва дигар унсурҳои сохторӣ аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ муайян карда мешавад.

15. Тартиби ҷобаҷогузории мавод дар диссертатсия бояд ба мақсади таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф муайян гардидааст, мувофиқат намояд. Ҳар як боби диссертатсия дар саҳифаи нав чоп карда мешавад. Сарлавҳаҳо

******** Гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани лексияҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва ғ.

дар мобайни саҳифа бе нуқтагузорӣ ҷойгир шуда, аз матн бо як фосила аз поён ҷудо карда мешавад. Ҳангоми тақсим намудани матн ба бахшҳо ва зербахшҳо зарур аст, ки ҳар як бахш иттилооти пурраро дар бар гирад.

16. Шарҳи таҳлилии адабиёт (маъхазҳо) аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотро, ки дар сарчашмаҳои ахбори илмии ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод шудаанд дар бар гирифта, бо шарҳи густардаи асоснокии интихоби самти таҳқиқот ва тавсифи консепсияи умумии таҳқиқот ба охир мерасад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар шарҳи таҳлили маъхазҳо марҳилаҳои асосии рушди тасаввуроти илмӣ оид ба масъалаи баррасишаванда бо шумули таҳлили муқоисавии муносибатҳои методологӣ (методӣ) ва сатҳи рушди таҳқиқотро дар соҳаи дахлдори илм дар ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он қайд месозад. Иваз намудани арзёбии таҳлилии муҳтавои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи мушаххас бо номбар намудани муҳаққиқоне, ки онҳоро иҷро намудаанд, иҷозат дода намешавад. Дар асоси таҳлили таҳқиқоти қаблан аз ҷониби дигар муҳаққиқон (ватанӣ ва хориҷӣ) иҷрошуда, довталаби дараҷаи илмӣ масъалаҳои ҳанӯз ҳалнашударо ошкор намуда, мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқоти худро дар доираи мавзуи интихобшудаи диссертатсия муайян месозад ва мавқеи онҳоро дар коркарди масъалаи мазкур нишон медиҳад.

17. Дар диссертатсияе, ки ҷанбаи амалӣ дорад, бояд маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда ва дар диссертатсияе, ки ҷанбаи назариявӣ дорад – тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шаванд. Роҳҳои ҳалли масъалаҳои матраҳшавандаи аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодгардида бояд асоснок карда шуда, дар муқоиса бо дигар роҳҳои маълуми ҳалли он арзёбӣ шаванд.

18. Ҳангоми таълифи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ ба сарчашмаҳое, ки аз онҳо мавод ё натиҷаҳои алоҳидаи онҳоро иқтибос мекунад (аз ҷумла ба диссертатсия ва мақолаҳои худ) бояд истинод намояд. Истифодаи матни муаллифони дигар бидуни истинод ба онҳо, инчунин, иқтибоси он бидуни нохунак иҷозат дода намешавад.

19. Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот (илмҳои табиию математикӣ, техникӣ, тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ, аграрӣ) бошад марҳилаи муҳимми раванди таҳқиқотӣ аст, ки дар он натиҷаҳои бадастомада таҳлил, шарҳ ва арзёбӣ мешаванд. Ин марҳила барои татбиқи мақсадҳои таҳқиқот ва фаҳмидани аҳамияти маълумоти ҷамъоваришуда зарур аст. Унсурҳои асосии баррасии натиҷаҳои таҳқиқот иборат аст аз таҳлили маълумот (коркарди маълумоти ҷамъоваришуда бо истифодаи усулҳои оморӣ ё сифатӣ, вобаста ба навъи таҳқиқот), тафсири натиҷаҳо (шарҳдиҳии маънои натиҷаҳои бадастомада дар доираи мавзуи таҳқиқот ва саволҳои таҳқиқотӣ), муқоиса бо фарзияҳо (муайян кардани он ки оё натиҷаҳо фарзияҳои пешакӣ таҳияшударо тасдиқ ё рад мекунанд), муқоиса бо

таҳқиқоти пешина (муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар дар ҳамин мавзуъ) ва муайян кардани маҳдудиятҳо (мушаххас кардани маҳдудиятҳои таҳқиқот, ки метавонанд ба натиҷаҳо таъсир расонанд). Баррасии дуруст ва пурраи натиҷаҳои таҳқиқот барои таъмини эътимоднокии таҳқиқот ва арзиши илмии он ҳатмӣ мебошад.

20. Дар бахши «Хулосаҳо»-и самти илмҳои табиию математикӣ, техникӣ, тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ, аграрӣ натиҷаҳои таҳқиқоти иҷрошуда ва дар бахши «Хулоса»-и самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ натиҷаҳои умумии таҳқиқоти иҷрошуда оварда мешаванд. Дар ҳар як банди хулоса, истинод ба мақолаҳои довталаби дараҷаи илмӣ оварда мешавад.

21. Дар бахши «Тавсияҳо» истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод мегарданд. Дар ин бахш масъалаҳо оид ба имконияти истифодаи амалии натиҷаҳои бадастовардашуда шарҳ дода шуда, дурнамои рушди минбаъдаи самти мазкури илмӣ оварда мешавад.

22. Бахши «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)» бояд ду зербахшро дар бар гирад: «Рӯйхати адабиёти истифодашуда», ки шомили номгӯи сарчашмаҳои иттилоотии дар диссертатсия истинод овардашуда мебошад ва «Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ», ки дар он маълумоти библиографӣ оид ба интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда мешаванд. Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) дар диссертатсияҳои пешниҳодгардида барои дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм бояд на кам аз 120 номгӯ ва барои дараҷаҳои илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат на кам аз 300 номгӯро дар бар гирад. Ҳамзамон, довталаб ба муҳтавои адабиёти овардашуда бояд ошноӣ дошта бошад.

23. Бахши «Замима» аз маводди ёридиҳанда иборат аст. Бахши мазкур дар ҳолати зарурати шарҳи мукаммали муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқот, арзёбии аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо тартиб дода мешавад. Теъдоди замимаҳоро муаллифи диссертатсия муайян мекунад. Дар бахши «Замима» инҳо ворид карда мешаванд:

-исботи фосилавии математикӣ, формулаҳо, ҳисобкуниҳо, баҳодиҳии иштибоҳоти ченкунӣ ва арзёбии дурустии натиҷаҳои бадастовардашуда;

-матнҳои ибтидоии (рамзҳои) барномаҳои компютерӣ ва шарҳи мухтасари онҳо;

- ҷадвалҳо ва тасвирҳои ёрирасони дар раванди таҳқиқот бадастовардаи диссертант;

-ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо, ки истифодаи илмӣ ва (ё) амалии натиҷаҳои таҳқиқот ё тавсияҳо оид ба истифодаи онҳоро тасдиқ менамоянд.

24. Диссертатсия бояд ба таври чопӣ дар як тарафи коғази сафед (андозаи А4 (210х297) бо андозаи ҳуруфи 14 иҷро карда шавад. Пешниҳод намудани ҷадвалҳо ва тасвирҳо бо андозаи ҳуруфи 12 дар варақҳои

андозаи А3 (297х420 мм) иҷозат дода мешавад. Диссертатсия бояд муқоваи сахт дошта бошад.

25. Миқдори хатогиҳои грамматикию техникии имконпазир бояд дар 1 (як) саҳифаи диссертатсия ва автореферат 2 (ду) адад бошад. Ислоҳи ғалатҳо ва иштибоҳҳои графикие, ки дар матни диссертатсия ошкор карда шудаанд, бо роҳи пок кардан ё молидани ранги сафед иҷозат дода мешавад. Дар мавриди ззарурат ба диссертатсия ва автореферат ғалатнома замима карда мешавад. Ғалатнома - ин рӯйхати хатогиҳои имлоӣ, ғалатҳо ва камбудиҳои техникие мебошад, ки дар матни диссертатсия ё автореферат ошкор шудаанд. Ин ҳуҷҷати муҳим аст, ки диққати муаллифро ба кори худ нишон медиҳад ва имкон медиҳад, ки камбудиҳои мушоҳидашударо бе тағйир додани матни диссертатсия ба таври расмӣ ислоҳ намояд. Ғалатнома бояд пас аз ҳимояи диссертатсия тартиб дода шуда, ҳамаи хатогиҳои ҷойдоштаро дар бар гирад. Ҳама гуна хатогиҳо, новобаста аз миқдор, дар шакли ғалатнома ислоҳ карда мешаванд.

Ғалатнома бояд инҳоро дар бар гирад:

- сарлавҳа бо нишон додани мавзуи диссертатсия;
- ҷадвали хатогиҳо бо чунин сутунҳо: саҳифа, сатр, ғалатҳо, ислоҳ;
- имзои муаллифи диссертатсия;
- имзои роҳбари илмӣ.

Қоидаҳои асосии тартиб додани ғалатнома:

- ғалатҳо бояд аз рӯйи тартиби саҳифаҳо ҷойгир карда шаванд;
- ҳар як ғалат бояд дақиқ нишон дода шавад;
- ислоҳи пешниҳодшуда бояд фаҳмо ва мушаххас бошад;
- ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ бояд ҷудо карда шаванд.

26. Ҳангоми ҳуруфчинии матн бо истифодаи компютер ҳуруфи Times New Roman (Times New Roman Cyr, Times New Roman Tj ё барои илмҳои табиӣ, техникӣ ва математикӣ бо барномаи Latex) бо шакли оддӣ, андозаи ҳуруфи 14 бо истифодаи фосилаи байнисатрӣ 1,5 андоза, бо андозаи ҳуҷҷатҳои doc, rtf ё odt бо баробарнамоии матн аз рӯйи андозаи варақ истифода бурда мешавад.

27. Барои диссертатсия андозаҳои зерини ҳошияҳо муқаррар карда шуда, набояд кам ё зиёд бошанд: болоӣ ва поёнӣ – 20 мм, аз чап – 25 (30) мм ва аз рост – 10 (15) мм. Ҳуруфи чопӣ бояд рост, равшан, возеҳ, бо ранги сиёҳ дар тамоми ҳаҷми матни диссертатсия яксон бошад. Истифодаи имкониятҳои компютерӣ барои ҷалби таваҷҷуҳ ба истилоҳот, қазияҳо, хусусиятҳои муҳим бо истифодаи шаклҳои гуногуни ҳуруф, аз ҷумла моил, сиёҳранг, моили сиёҳранг, ҷудо намудан бо ҳошиягирӣ, фосилагузории миёни ҳарфҳо ва дар зери сатри матн кашидани хати сиёҳ иҷозат дода мешавад.

28. Ҳадди ақали ҳаҷми диссертатсияи доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм (бидуни рӯйхати адабиёт ва замимаҳо) на

кам аз 120 саҳифа ва барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ на кам аз 150 саҳифа (саҳифа бояд 1800 аломати чопӣ, 29-30 сатр ва дар ҳар сатр 62-64 аломати чопиро дарбар гирад) бошад. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат бояд на кам аз 250 ва барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ на кам аз 300 саҳифаро дар бар гирад. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат дар самти илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ бояд на кам аз 200 саҳифа (бидуни рӯйхати адабиёт ва замимаҳо) бошад.

29. Ҳамаи саҳифаҳои диссертатсия бо шумули тасвирҳо ва замимаҳо, ба тартиб, бе истисно ва такрор рақамгузорӣ карда мешаванд. Саҳифаи аввал сарсаҳифа ба ҳисоб меравад, ки дар он рақами саҳифа гузошта намешавад. Саҳифаҳо бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешаванд.

30. Бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо дорои сарлавҳа мебошанд. Бобҳо, зербобҳо, бахшҳо ва зербахшҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, формулаҳо, муодилаҳо бо рақамҳои арабӣ, бидуни аломати «№» рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами боб баъд аз калимаи «Боб» гузошта мешавад.

31. Бахшҳои «Мундариҷа», «Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ», «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», «Хулоса», «Тавсияҳо», «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)» ва «Замимаҳо» рақамгузорӣ карда намешаванд.

32. Зербобҳо дар доираи ҳар як боб рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами зербоб аз рақами боб ва рақами тартибии зербоб, ки бо нуқта ҷудо карда шудаанд, иборат мебошад (мисол 1.1; 1.2). Зербахшҳо дар доираи ҳар як бахш рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами зербахш аз рақами тартибии боб, зербоб, бахш ва зербахш, ки бо нуқта ҷудо карда шудаанд, иборат мебошад. Бандҳо бо рақамҳои арабӣ дар доираи ҳар як зербахш рақамгузорӣ карда мешаванд. Ҳамаи рақамҳо ва сарлавҳаҳо бо ҳуруфи сиёҳранг ҷудо карда мешаванд. Сарлавҳаи бобҳо аз сатри нав, баъд аз рақами боб, сарлавҳаи зербоб, сарлавҳаи бахшҳо, зербахшҳо баъд аз рақами онҳо бо як фосила оварда мешаванд.

33. Тасвирҳо (мусавварахо, суратҳо, расмҳо, нақшаҳо, тарҳҳо, диаграммаҳо, нигораҳо ва харитаҳо) ва ҷадвалҳо дар диссертатсия бевосита дар саҳифа бо матн баъд аз сарлавҳае, ки онҳо аввалин маротиба зикр мешаванд, ё алоҳида дар саҳифаи минбаъда ҷойгир карда мешаванд. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо чунон ҷойгир карда мешаванд, ки дидани онҳо бидуни ба тарафи дигар гардонидани саҳифаи диссертатсия ё бо гардонидан аз рӯйи ақрабаки соат муносиб бошад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳое, ки дар саҳифаи алоҳидаи диссертатсия ҷойгир шудаанд, ба рақамгузории умумии саҳифаҳо ворид карда мешаванд.

34. Истифодаи замимаҳои дорои андозаи ғайристандартӣ, ки дар шакли қатшуда ба андозаи А4 мутобиқат менамоянд, иҷозат дода мешавад. Тасвирҳо ва ҷадвалҳо мутаносибан бо калимаҳои «Расм» ва «Ҷадвал»

аломатгузорӣ гардида, бо рақамҳои арабӣ пайдарпай дар доираи ҳар як боб рақамгузорӣ мешаванд. Дар ҳамаи тасвирҳо ва ҷадвалҳо бояд истинод дар матни диссертатсия вуҷуд дошта бошад. Калимаҳои «Расм» ва «Ҷадвал» дар зернавиштаҳои расм, ҷадвал ва истинод ба онҳо кӯтоҳ карда намешаванд. Рақами тасвирҳо ё ҷадвалҳо аз рақами боб ва рақами тартибии тасвир ё ҷадвал, ки бо нуқта ҷудо шудаанд, иборат мебошад. Агар дар бобҳои диссертатсия танҳо яктогӣ тасвир ё ҷадвал оварда шуда бошад, пас онҳо пай дар ҳам дар доираи диссертатсия рақамгузорӣ карда мешаванд.

35. Тасвирҳо бо ёрии компютер, бо ранг, туш ё хамираи ранги сиёҳ дар коғази сафеди ғайришаффоф иҷро карда мешаванд. Сифати тасвирҳо бояд имкони нусхабардории возеҳи онҳоро таъмин намояд. Ба сифати тасвир истифодаи фотосуратҳо ва нусхаи чопшудаи тасвирҳо иҷозат дода мешавад.

36. Тасвирҳо бояд дорои ном ва маълумоти тавзеҳӣ (матни зери тасвир) бошанд, ки дар мобайни саҳифа ҷойгир мешаванд. Маълумоти тавзеҳӣ дар зери тасвир аз сатри нав бо калимаи «Расм», рақам ва номи тасвир, бо ҷудо кардани рақам аз ном бо аломати тире ҷойгир карда мешавад. Дар охири рақамгузории тасвир нуқта гузошта мешавад, аммо дар охири номи тасвир нуқта гузошта намешавад. Кӯчонидани қисми калима ба сатри дигар дар номи расм иҷозат дода намешавад. Калимаи «Расм», рақам ва номи мусаввара, инчунин маълумоти тавзеҳии расм, бо ҳуруфи сиёҳранги 1-2 андоза хурдтар аз ҳуруфи матн чоп карда мешавад.

37. Маводди рақамии диссертатсия бо шакли ҷадвал мураттаб карда мешаванд. Ҳар як ҷадвал бояд сарлавҳаи кутоҳ дошта бошад, ки он аз калимаи «Ҷадвал», рақами тартибӣ ва номи он, ки аз рақам бо нуқта ва аломати тире чудо карда шудааст, иборат бошад. Сарлавҳаро дар болои ҷадвал аз чап, бе фосилаи сарсатрӣ ҷойгир кардан лозим аст. Ҷадвал аз сарлавҳаҳо, сарлавҳаҳои сутунҳо, зерсарлавҳаҳои сутунҳо, сатрҳо (қаторҳои уфуқии ҷадвал), паҳлухатҳо (сутунҳо барои сарлавҳаҳо), ишорахатҳо (сутунчаҳо) иборат мебошад.

38. Ҳангоми батартибдарории ҷадвал тартиби зерин риоя карда мешавад:

-истифодаи ҳуруфи 1-2 андоза хурдтар аз ҳуруфи матни диссертатсия;

- дар ҷадвал дохил накардани сутуни «Рақами тартибӣ». Ҳангоми зарурати рақамгузории нишондиҳандаҳои дар ҷадвал воридкардашуда, рақамҳои тартибӣ дар паҳлу бевосита пеш аз номи онҳо гузошта мешавад;

- имконияти ба саҳифаи дигар кӯчонидани ҷадвали дорои шумораи зиёди сатрҳо. Ҳангоми кӯчонидани қисмати ҷадвал ба саҳифаи дигар дар болои қисмати якум як маротиба сарлавҳа нишон дода шуда, аз тарафи чап дар болои қисмати боқимондаи ҷадвал калимаи «Идома» навишта

мешавад. Агар дар диссертатсия якчанд ҷадвал бошад, баъд аз калимаи «Идома» рақами ҷадвали дахлдор оварда мешавад;

-тақсим намудани ҷадвали сутуни зиёддошта ба қисматҳо ва ҷойгир намудани як қисмати он дар зери қисмати дигар дар доираи як саҳифа бо такрор намудани паҳлухат дар ҳар як қисмати ҷадвал. Сарлавҳаи ҷадвал танҳо дар болои қисмати якум ҷойгир карда мешавад ва дар қисматҳои боқимонда «Идомаи ҷадвал» ё «Хотимаи ҷадвал» бо нишон додани рақами он навишта мешавад;

-агар матни дар сатрҳои гуногуни сутунҳои ҷадвал такрорёбанда аз як калима иборат бошад, баъд аз навишти якум минбаъд иваз намудани вай бо нохунак, вале агар аз ду ва ё зиёда калимаҳо иборат бошад, иваз намудани вай бо калимаҳои «Ҳамон», ҳангоми такрорёбии минбаъда иваз кардан бо нохунак иҷозат дода мешавад. Бо нохунак иваз намудани рақамҳо, тамғаҳо, аломатҳо, рамзҳои математикӣ, физикӣ ва химиявӣ иҷозат дода намешавад. Агар маълумоти рақамӣ ё дигар маълумот дар ин ё он сатри ҷадвал оварда нашавад, дар сатри мазкур нимтире гузошта мешавад.

39. Ҳангоми батартибдарории формулаҳо (муодилаҳо) ба сифати рамз аломатҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии техникӣ муқаррар карда шудаанд, истифода мешаванд. Формулаҳо (муодилаҳо) дар матни диссертатсия бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешаванд. Ҳангоми дар диссертатсия мавҷуд будани зиёда аз як формула (муодила) онҳо дар доираи боб рақамгузорӣ карда мешаванд. Рақами формула (муодила) аз рақами боб ва рақами тартибии формула (муодила) дар боб, ки бо нуқта аз ҳам ҷудо карда шудаанд, иборат мебошад. Рақами формулаҳоро (муодилаҳоро) дар қавсайни оддӣ дар тарафи рости варақ дар сатҳи формула (муодила) менависанд.

40. Ҳангоми батартибдарории формулаҳо (муодилаҳо):

-онҳоро аз матн дар сатри алоҳида ҷудо намуда, бояд аз боло ва поёни формула (муодила) як сатри холӣ гузошта шавад;

-агар ҷой додани формула (муодила) дар як сатр ғайриимкон бошад, он ба сатри дигар баъд аз аломати баробарӣ (=) ё баъд аз аломатҳои ҷамъ (+), тарҳ (-), зарб (х) ва тақсим (:) кӯчонида мешавад. Зимнан, аломати дахлдор дар аввали сатри нав такрор карда мешавад;

-истинодҳо ба формула (муодила) мувофиқи матни диссертатсия дар қавсайни мураббаъ (квадратӣ) дода мешавад;

-тавзеҳи маънии рамзҳо ва зарибҳои рақамии ба формула (муодила) шомилбуда, бевосита дар зери формула (муодила) бо пайдарҳамие, ки онҳо дар формула (муодила) дода шудаанд, бо нишондоди андоза (ҳангоми зарурат) оварда мешавад. Маънии ҳар як рамз ва зариби рақамӣ дар сатри нав оварда мешавад. Агар рамзҳои мазкур минбаъд дар матн истифода шаванд, ба тавзеҳи онҳо зарурат нест. Сатри аввали тавзеҳ аз калимаи «дар ин ҷо» бидуни гузоштани дунуқта оғоз мегардад.

41. Ҳангоми зарурат ба муҳтавои тасвир, ҷадвал ё матн бо шакли эзоҳот, ки дар зери тасвир, ҷадвал ё матн оварда мешаванд, тавзеҳ ё маълумоти раҳнамо дода мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани танҳо як эзоҳ баъд аз калимаи «Эзоҳ», ки бо фосилаи сархат навишта шудааст, аломати тире гузошта шуда, бо ҳарфҳои калон эзоҳ оварда мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани якчанд эзоҳ ҳар яки он аз сатри нав бо фосилаи сархатӣ чоп карда шуда, бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда мешавад. Калимаи «Эзоҳ» ва матни эзоҳ бо ҳуруфи 1-2 андоза хурдтар аз ҳуруфи матни асосӣ чоп карда мешаванд.

42. Батартибдарории шарҳҳои иловагӣ ба матн ё ҷадвалҳо дар шакли поварақҳо иҷозат дода мешавад. Аломати поварақ баъд аз калима, рақам, рамз ва ҷумлае, ки ба он шарҳ дода мешавад, гузошта мешавад. Дар ин ҳолат поварақ бояд бо аломати ситорача «*» ишора карда шавад. Поварақро дар охири саҳифа аз фосилаи сархатӣ, бо ҷудо намудан аз матн бо хати уфуқии кӯтоҳ аз чап ҷойгир менамоянд. Поварақи ҷадвалро дар охири он болои хате, ки аз хотимаи ҷадвал шаҳодат медиҳад, ҷойгир менамоянд.

43. Истинодҳо ба сарчашмаҳо дар қавсайни мураббаъ (ё байни ду хати моил) дар матни диссертатсия оварда мешаванд.

44. Ҳангоми истифодаи маълумот аз сарчашмаи дорои теъдоди зиёди саҳифаҳо, дар истинод ба ин сарчашма рақами саҳифаҳо, тасвирҳо, ҷадвалҳо, формулаҳо, муодилаҳо, ки ба онҳо дар диссертатсия истинод мегардад, нишон дода мешавад.

45. Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, бо тартиби омадани истинодҳо дар матни диссертатсия, ё ба тартиби алифбоии насаби муаллифи аввал ва (ё) сарлавҳаҳо, ё ба таври хронологӣ тартиб дода мешавад. Дар матни феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда маълумот оид ба сарчашмаҳо бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешавад.

46. Рӯйхати маводди чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи навъҳои интишорот (монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводди конфронсҳо, фишурдаи маърӯзаҳо, патентҳо ва ғайраҳо) бо тартиби хронологии онҳо, дар доираи гурӯҳҳо ҷой дода мешавад. Феҳристи маводди чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ мешаванд, ки баъд аз аломати тире бо ҳарфи «М» («муаллиф») пурра гардида, бо фосилаи сархатӣ чоп ва баъд аз рақам нуқта гузошта мешавад.

47. Маълумот оид ба сарчашмаҳои истифодашуда мутобиқи стандартҳои байнидавлатии зерин барасмият дароварда мешаванд:

- ГОСТ 7.80-2000 «Қайди библиографӣ. Сарлавҳа, Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.1-2003 «Қайди библиографӣ. Шарҳи библиографӣ. Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.82-2001 «Қайди библиографӣ. Шарҳи библиографии захираҳои электронӣ. Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.12-93 «Қайди библиографӣ. Ихтисори калимаҳо дар забони русӣ. Талабот ва қоидаҳои умумии тартибдиҳӣ»;

- ГОСТ 7.11-2004 «Қайди библиографӣ. Ихтисори калима ва ибораҳо дар забонҳои хориҷии аврупоӣ».

48. Агар барои тавсиф ҳуруфи дигар (иероглифӣ, арабӣ ва ғ.) истифода шуда бошад, баъд аз маълумоти библиографӣ бо забони асл дар қавсайн тарҷумаи он бо забони тоҷикӣ (русӣ) оварда мешавад.

## 4. СОХТОРИ АВТОРЕФЕРАТ ВА ТАРТИБИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ОН

49. Автореферат бояд дорои сохтори зерин бошад:
- муқова;
- бахши «Муқаддима (фишурда)»;
- бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот»;
- бахши «Қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда)»;
- бахши «Хулоса» ва «Тавсияҳо»;
- бахши «Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)»;
-феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия;
- аннотатсия.

50. Рӯй ва саҳифаи дохилии муқоваи автореферат мутобиқи замимаи 2 ва 3 Дастурамали мазкур барасмият дароварда мешавад. Дар сарсаҳифаи ҳамаи нусхаҳои автореферати диссертатсия, ки барои фиристодан омода шудаанд, аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ имзо гузошта мешавад.

51. Автореферат бояд муҳтавои диссертатсияро бидуни тафсилоти барзиёд ва иттилооти дар он мавҷуднабуда, фаро гирад. Автореферат бо ҳамон забоне, ки диссертатсия таълиф шудааст, навишта мешавад.

52. Бахшҳои «Тавсифи умумии таҳқиқот», «Хулоса» ва «Тавсияҳо» бояд бахшҳои марбутаи диссертатсияро беихтисор ва иловаҳо такрор намоянд (барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ муҳтавои асосии бандҳои «Хулоса» пешниҳод мегардад).

53. Дар бахши «Қисмҳои асосии таҳқиқот»-и автореферат бояд пурра, бе тафсилоти барзиёд, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои (бахшҳои) диссертатсия ошкор гардида, набояд иттилооти дар диссертатсия мавҷуднабуда, оварда шаванд.

54. Ҳаҷми дастнависи автореферат бе дарназардошти муқова, ихтисораҳо, рӯйхати адабиёт, феҳристи интишороти муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия ва аннотатсия, барои дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат 2 ҷузъи муаллифӣ (барои ихтисосҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ 2,5 ҷузъ) ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва

доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос 1 ҷузъи муаллифӣ (барои ихтисосҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ 1,5 ҷузъ) муқаррар карда мешавад. Омода намудани автореферат мутобиқи бандҳои 58 ва 59 Дастурамали мазкур амалӣ мегардад.

55. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ ҳамаи интишорот оид ба мавзуи диссертатсияро, ки ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад, инчунин таҳқиқоте, ки аҳамияти амалии натиҷаҳоро тасдиқ менамоянд, дарбар мегирад. Феҳристи интишороти довталаб бояд ба қоидаҳои батартибдарории рӯйхати адабиёт мутобиқат намояд. Овардани номи интишорот ва насаб, ном ва номи падари ҳамаи ҳаммуаллифон, сарфи назар аз шумораи онҳо, ҳатмӣ мебошад. Феҳрист мутобиқи навъи интишорот (монографияҳо, мақолаҳо, маводди конфронсҳо, фишурдаи маърӯзаҳо, патентҳо ва ғайра) бо тартиби хронологӣ дар доираи гурӯҳҳо гурӯҳбандӣ карда мешавад.

56. Дар охири автореферат «АННОТАТСИЯ», ки барои интишор ва истифодаи иттилоот оид ба диссертатсия пешбинӣ шудааст, ҷой дода мешавад. Ҳаҷми «АННОТАТСИЯ» набояд аз як саҳифаи чопӣ зиёд бошад. «АННОТАТСИЯ» аз сарлавҳа, феҳристи калимаҳои калидӣ ва матн иборат мебошад. Дар сарлавҳа калимаи «АННОТАТСИЯ», насаб, ном, номи падари муаллиф ва номи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда мешавад. Калимаҳои калидӣ (то 15 калима) оварда шуда, бо ҳарфҳои хурди алифбо дар сатр баъди гузоштани вергул чоп карда мешаванд.

57. Матни «АННОТАТСИЯ» бояд мақсади кор, методҳои таҳқиқот ва таҷҳизоти истифодагардида, натиҷаҳои бадастомада ва навгониҳои онҳо, тавсияҳоро оид ба истифода ва соҳаи истифодаи онҳо инъикос намояд. Ҳангоми бозгӯ намудани маводди «АННОТАТСИЯ» бояд аз сохтори синтаксисии ба забони ҳуҷҷатҳои илмӣ хосбуда ва истилоҳоти меъёришуда истифода шуда, аз корбурди ибораҳои душворфаҳми грамматикӣ ва рамзҳои нодиру ғайримаъмул худдорӣ гардад. «АННОТАТСИЯ» бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

58. Автореферат бояд бо таври чопӣ дар ҳарду тарафи коғази сафеди андозаи 145х205 мм (андозаи А-5 ва ҷузъи чопии - 60х84 1/16), инчунин андозаи ҳуруфи 10-12 чоп карда шавад. Истифодаи коғази андозаи 145 х 200 мм (андоза ва ҷузъи чопии коғаз ва ҳиссаи андозаи 60х84/16) иҷозат дода мешавад. Автореферати диссертатсияро ҳамчунин дар таҷҳизоти нусхабардорӣ-таксирӣ, ё бо усули чопӣ нашр кардан мумкин аст.

59. Ҳангоми ҳуруфчинии матни автореферат дар компютер ҳуруфи Times New Roman бо шакли оддӣ, андозаи ҳуруфи 10-12 бо фосилаи байнисатрӣ 1 андоза ва бо шакли docx истифода бурда мешавад.

60. Истинодҳо ба сарчашмаҳо дар қавсайни мураббаъ (ё байни ду хати моил) дар матни автореферат оварда мешаванд.

## 5. ТАЛАБОТ ВА ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ ДИГАР МАВОДДИ ИЛМӢ

61. **Мақолаи илмӣ** асари мантиқан баанҷомрасида мебошад, ки ба масъалаи мушаххаси доираи проблемаҳои аз ҷониби унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар диссертатсия таҳқиқшаванда, бахшида мешавад. Мақолаи илмӣ натиҷаҳои бештар аҳамиятнокро, ки аз ҷониби унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ба даст оварда шуда, бозгӯ ва асосноксозии густурдаро тақозо менамоянд, ошкор месозад. Одатан мақолаи илмӣ дар ду шакл барои чоп ба редаксияи маҷаллаи илмии тақризшаванда пешниҳод карда мешавад: 1) мақолаи илмии назариявӣ; 2) мақолаи илмии эмпирикӣ.

62. **Мақолаи илмии назариявие,** ки барои нашр ба маҷаллаҳои илмии тақризшаванда пешниҳод мешаванд, бояд дорои сохтори зерин бошад:

62.1. Муқаддима. Муқаддимаи мақолаи илмии назариявӣ бояд аз унсурҳои зерин иборат бошад:

Оғоз. Дар ин қисми муқаддима муҳиммияти омӯзиши мавзуъ нишон дода мешавад. Аз рӯйи ҳаҷм 1-2 сархат ё 1-2 саҳифа. Ҳаҷми ин қисм аз мураккабии масъалаи таҳқиқшаванда вобастагӣ дорад.

Тавсифи мухтасари омӯзиши масъала дар илм ва асоснок намудани зарурати омӯзиши мавзуъ. Ишора намудан ба адабиёти илмие, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур баррасӣ шудаанд. Ин қисмро ҳатто асосҳои назариявии таҳқиқот низ номидан мумкин аст. Яъне, методология, консепсия ва назарияҳое ёдоварӣ мешаванд, ки муаллиф ба онҳо такя намудааст.

Мақсади таҳқиқот. Дар баробари мақсади таҳқиқот инчунин фарзияи таҳқиқот низ пешниҳод карда мешавад. Баъзан вақт барои мушаххастар шудани сохтори мақола саволҳои таҳқиқотӣ низ мегузоранд. Зарурати омӯзиши мавзуъ замоне асоснок мегардад, ки агар дар омӯзиши мавзуъ холигии илмӣ мавҷуд бошад.

Методҳои таҳқиқот. Дар ин қисми муқаддима методҳои умумиилмӣ ёдоварӣ намешаванд, баръакс агар муаллиф таҳқиқоти худро бо методи мушаххаси худ анҷом дода бошад, онро метавонад тасвир ва тавсиф намояд (унсури тавсиявӣ).

62.2. Қисми асосӣ (метавонад зермавзуъҳои худро дошта бошад, яъне аз масъалаҳои таркибии мавзуъ вобаста аст). Қисми асосии мақолаи илмии назариявӣ бояд аз унсурҳои зерин иборат бошад:

Таҳлил ва тавсифи адабиёти илмӣ. Тавсифи адабиёт ё ин ки тавсифи масъалаҳои ҷудогона бояд хронологияи мантиқӣ дошта, меъёрҳои интихоби адабиёт ёдовар гардад. Зимнан, нишон додани муаллифони асосӣ ё методикаи интихоби адабиёт мувофиқи мақсад аст.

Муҳокимаронӣ. Дар ин қисм натиҷаҳои таҳқиқот бояд шарҳ дода шаванд. Бояд нишон дода шавад, ки мақсади таҳқиқот амалӣ шуд ё нашуд, фарзияи таҳқиқот дуруст аст ё нодуруст.

Маҳдудиятҳои таҳқиқот. Нишон дода мешавад, ки дар раванди таҳқиқот чи мушкилиҳое мавҷуд буданд ва бо кадом сабабҳо муаллиф натавонист корҳои дигарро анҷом диҳад (унсури тавсиявӣ).

62.3. Хулоса. Хулоса аз рӯйи ҳаҷми худ аз 1 то 2 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мухтасар баён карда мешаванд ва аҳамияти он барои рушди илм баён мегарданд. Дар хулоса муаллиф метавонад таҳқиқоти минбаъдаи масъаларо низ нишон диҳад. Яъне барои омӯзиши масъала боз кадом корҳоро анҷом додан мумкин аст. Хонанда аз хулосаи мақола бояд муайян карда тавонад, ки мақсади таҳқиқот амалӣ шудааст ё не, фарзияи таҳқиқот дуруст аст ё не (унсури ҳатмӣ).

62.4. Рӯйхати адабиёти истифодашуда.

63. **Мақолаи илмии эмпирикие,** ки барои нашр ба маҷаллаҳои илмии тақризшаванда пешниҳод мешаванд, бояд дорои сохтори зерин бошад:

63.1. Муқаддима. Муқаддимаи мақолаи илмии эмпирикӣ бояд аз унсурҳои зерин иборат бошад:

Оғози муқаддима – тавсифи умумии муҳиммияти мавзуъ, мубрамияти омӯзиши он. Ин қисми муқаддима вобаста ба мураккабии мавзуъ аз 2-3 сархат сар карда то 2-3 саҳифа таҳия карда шавад. Дар ин ҷо зарурати омӯзиши мавзуъ асоснок гардида, тавсифи адабиёти илмӣ тақозо мешавад (унсури ҳатмӣ).

Тавсифи умумии инъикоси масъала дар илм, яъне ишора намудан ва ёдоварӣ кардани муаллифоне, ки дар атрофи ин масъала таҳқиқот анҷом додаанд. Инчунин ёдоварии мафҳумҳо, консепсияҳо ва методҳои муаллифони дигар (унсури ҳатмӣ).

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот бо мубрамияти мавзуъ бояд алоқамандӣ дошта бошад ва пурра намудани холигии илмиро инъикос кунад. Дар ин ҷо фарзияи таҳқиқот низ метавонад нишон дода шавад. Баъди мақсади таҳқиқот инчунин саволҳои таҳқиқотӣ низ гузоштан мумкин аст (унсури ҳатмӣ).

63.2. Методҳо ва методология. Ин қисми мақола бояд унсурҳои зеринро дошта бошад:

Методҳо. Ин ҷо методҳои умумиилмӣ ёдоварӣ намешаванд. Истифодаи методҳои мушаххаси илмӣ иҷозат дода мешавад. Аммо дар аксар маврид методи шахсии муаллиф, ки барои дарки таҳқиқоти ӯ зарур аст, нишон дода мешавад (методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот, меъёрҳои таҳқиқот ва ғ.) (унсури ҳатмӣ).

Мавод. Мавҷудияти ин қисм аз методи таҳқиқотӣ вобастааст. Агар дар раванди таҳқиқот маводди мушаххас истифода шуда бошанд, номгӯйи онҳо ёдоварӣ мешаванд ва тавсиф карда мешаванд. Бояд сохтори мавод ва меъёрҳои интихоби мавод нишон дода шаванд (саволномаҳо, сарчашмаҳои гуногун ва ғ.).

Иштирокчиён. Мавҷудияти ин қисм аз методи таҳқиқотӣ вобастааст. Масалан, агар саволномаҳо ва пурсишномаҳо гузаронида шуда бошад (таҳқиқоти сотсиологӣ), бояд иштирокчиён номбар гарданд. Масалан, аз рӯйи синну сол, ҷинс, мавқеи иҷтимоӣ ва ғ.

Тартиби гузаронидани таҳқиқот. Дар ин қисми мақола нишон дода мешавад, ки бо истифодаи методҳо ва маводди дар боло номбаргардида таҳқиқот чи гуна гузаронида шудааст. Тартиби гузаронидани таҳқиқот тавре нишон дода мешавад, ки онро дигарон низ анҷом дода тавонанд (унсури ҳатмӣ).

63.3. Натиҷаҳои таҳқиқот. Дар ин қисми таҳқиқот натиҷаҳои асосии таҳқиқот бе шарҳу тафсири иловагӣ нишон дода мешавад. Ҳамаи шарҳу тафсирҳо дар қисми «Муҳокимаронӣ» нишон дода мешаванд. Дар ин қисми таҳқиқот тартиб додани ҷадвалҳо ва нақшаҳо хеле мувофиқ аст. Ҳатто натиҷаҳои таҳқиқотро ба зергурӯҳҳо бо нишон додани зермавзуъҳо низ таҳия намудан мумкин аст (унсури ҳатмӣ).

63.4. Муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот. Ин қисми мақолаи илмии эмпирикӣ бояд унсурҳои зеринро дошта бошад:

Муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот. Бояд натиҷаҳои таҳқиқот шарҳу тавзеҳ дода шаванд. Ба воситаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода мешавад, ки мақсади таҳқиқот амалӣ шуд ё нашуд, фарзияи таҳқиқот то кадом андоза дуруст баромад, инчунин нишон дода мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳқиқоти олимони дигар чи робита дорад (унсури ҳатмӣ).

Маҳдудиятҳои таҳқиқот. Дар ин қисми мақола нишон дода мешавад, ки дар раванди таҳқиқот кадом норасоиҳо мавҷуд буд (масалан, мавҷуд набудани мавод, муҳлати нокифоя барои таҳқиқот ва ғайраҳо) (унсури тавсиявӣ).

Саҳми муаллиф дар омӯзиши мавзуъ. Саҳми муаллиф ва ё таҳқиқоти анҷомдодашуда дар рушди илм нишон дода мешавад. Ҳаҷми он аз 1-2 ҷумла то 1-2 сархат бояд бошад. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун саҳми муаллиф дар омӯзиши масъала ба таври мухтасар номбар карда мешаванд. Ин қисми таҳқиқотро дар шакли навоварии илмӣ таҳия намудан мумкин аст (унсури ҳатмӣ).

63.5. Хулоса. Хулоса аз рӯйи ҳаҷми худ аз 1 то 2 саҳифаро ташкил медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мухтасар ва аҳамияти он барои рушди илм баён мегарданд. Дар хулоса муаллиф метавонад таҳқиқоти минбаъдаи масъаларо низ нишон диҳад. Яъне барои омӯзиши масъала боз кадом корҳоро анҷом додан мумкин аст. Хонанда аз хулосаи

мақола бояд муайян карда тавонад, ки мақсади таҳқиқот амалӣ шудааст ё не, фарзияи таҳқиқот дуруст аст ё не (унсури ҳатмӣ).

63.6. Рӯйхати адабиёти истифодашуда.

64. Ҳам барои мақолаҳои илмии назариявӣ ва ҳам барои мақолаҳои илмии эмпирикӣ илова бар матни мақола бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) маълумотҳои зерин таҳия карда мешавад:

64.1. Номи мақола. Номи мақола бо мазмуни дохилии мақола бояд мувофиқат намояд.

64.2. Аффилятсия (маълумоти муфассал дар бораи муаллиф: насаб, ном, номи падари муаллиф, унвонҷӯйи кафедра ё шуъба (агар унвонҷӯ бошад), доктор PhD кафедра ё шуъба (агар докторанти PhD бошад), докторанти кафедра ё шуъба (агар докторанти анъанавӣ бошад), ҷойи кори асосӣ, вазифаи ишғолнамуда (барои онҳое, ки унвонҷӯ, докторанти PhD ё докторанти анъанавӣ нестанд), суроғаи ҷойи кор, телефон, почтаи электронӣ).

64.3. Аннотатсия (фишурдаи мақола). Дар охири мақола «Аннотатсия», ки барои интишор ва истифодаи иттилоот оид ба мақола пешбинӣ шудааст, ҷой дода мешавад. Ҳаҷми «Аннотатсия» набояд аз 150 калима зиёд бошад. Аннотатсия аз сарлавҳа, феҳристи калимаҳои калидӣ ва матн иборат мебошад. Дар сарлавҳаи калимаи «Аннотатсия» насаб, ном ва номи падари муаллиф ва номи мақола оварда мешавад. Калимаҳои калидӣ (то 15 калима) оварда шуда, бо ҳарфҳои хурди алифбо дар сатр баъди гузоштани вергул чоп карда мешавад. Матни «Аннотатсия» бояд мақсад, методҳои таҳқиқот ва таҷҳизоти истифодагардида, натиҷаҳои бадастомада ва навгонии онҳо, тавсияҳоро оид ба истифода ва соҳаи истифодаи онҳо инъикос намояд. Ҳангоми бозгӯ намудани маводди «Аннотатсия» бояд сохтори синтаксисии бо забони ҳуҷҷатҳои илмӣ хосбуда ва истилоҳоти меъёршуда истифода шуда, аз корбурди ибораҳои душворфаҳми грамматикӣ ва рамзҳои нодиру ғайримаълум худдорӣ гардад. «Аннотатсия» бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

64.4. То 7 калимаҳои калидӣ оварда шуда, бо ҳарфҳои хурди алифбо дар сатр баъди гузоштани вергул чоп оварда мешаванд.

65. Мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ё англисӣ бо истифодаи барномаи MS Word (ҳуруфи Times New Roman, тоҷ, андозаи ҳуруф – 14, фосила – 1,5) ҳуруфчинӣ шуда, дар 2 нусхаи чопии як тарафи қоғази формати А4 бо нусхаи ҳатмии электронии мақола ба маҷаллаҳои илмии тақризшаванда пешниҳод карда мешавад. Ҳошияи стандартӣ, рақамгузории иқтибосҳо дар матни мақола тибқи тартиби иқтибосоварӣ, сарчашмаҳои иқтибосшаванда дар охири мақола оварда мешаванд.

66. Маводди тасвирӣ (суратҳо, расмҳо, нақшаҳо, диаграммаҳо) бояд равшану возеҳ бошанд ва мутобиқи тартиби иқтибосоварӣ дар матн

шуморабандӣ карда шаванд. Диаграммаҳо дар намуди расм дар матн ва ҳам дар нусхаи электронӣ бо файлҳои алоҳида дар формати Microsoft Office Excel бояд пешниҳод карда шаванд.

67. Монографияи илмӣ – кори илмию таҳқиқотиест, ки мавзуи он ҷамъбасти комили маводди назариявӣ оид ба проблема ё мавзуи илмӣ ҳамроҳ бо таҳлили интиқодии он, ташхиси аҳаммият ва пешниҳоди тасвиди консепсияҳои нави илмӣ мебошад. Монография авлавияти илмиро муайян намуда, ҷомеаро бо иттилооти аввалияи илмӣ таъмин мекунад ва барои равшанӣ андохтан ба муҳтаво ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ хизмат мерасонад.

68. Ба монографияи илмӣ ягонагии муҳтаво хос буда, оид ба саҳми илмии муаллиф дар илм шаҳодат медиҳад ва ҳамчун кори илмии тахассусӣ баррасӣ мегардад. Монография воситаи шарҳу тафсири муҳтавои диссертатсия ва яке аз интишороти асосӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

69. Ба монография талаботи зерин пешбинӣ мегардад:

- ҳаҷми монография барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат барои илмҳои табиӣ-математикӣ, техникӣ, тиббӣ, фарматсевтӣ, биологию байторӣ ва аграрӣ на камтар аз 10 ҷузъи муаллифӣ ва барои илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ на камтар аз 15 ҷузъи муаллифиро бояд ташкил диҳад;
- мавҷуд будани тақризҳои се нафар доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дахлдор;
- мавҷуд будани тавсияномаи шурои олимони (илмӣ)-и муассисаи илмӣ ё муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- адади нашр на камтар аз 100 нусха;
- мавҷуд будани рақами стандарти байналмилалии ISBN.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

70. Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 «Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» аз эътибор соқит дониста шавад.

Эзоҳ: бандҳои 13.13 ва 13.20 аз 01 октябри соли 2025 мавриди амал қарор мегиранд.

**Замимаи 1**

**Сарсаҳифаи диссертатсия (намуна)**

_______________________________________________________________
_________________ (номи муассисаи илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки дар он ҷо диссертатсия иҷро шудааст)

Бо ҳуқуқи дастнавис ВБД_________ (шохиси УКД дар мавриде, ки агар диссертатсия ба забони русӣ бошад)

_______________________________________________________________
(насаб, ном, номи падари (агар бошад) довталаби дараҷаи илмӣ)

_______________________________________________________________
( номи диссертатсия)
Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа(PhD) - доктор аз рӯйи
ихтисос (доктори ҳабилитат,
номзад (доктор))-и илмҳои

_________________
(соҳаи илм)
аз рӯйи ихтисоси_________

Роҳбари илмӣ (мушовири илмӣ)

________________________________________
(дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ)

_______________________________________________________________
(насаб, сарҳарфи ном ва номи падари роҳбар (мушовир) - и илмӣ)

(макон ва соли таълифи диссертатсия)

**Замимаи 2**

**Сарсаҳифаи автореферат (намуна)**

_________________________________________________________________
_______( номи муассисаи илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки дар он ҷо диссертатсия иҷро шудааст)

Бо ҳуқуқи дастнавис ВБД_________ (шохиси УКД дар мавриде, ки агар диссертатсия ба забони русӣ бошад)

_________________________________________________________________
___ (насаб, ном, номи падари (агар бошад) довталаби дараҷаи илмӣ)

_________________________________________________________________
___ ( номи диссертатсия)

Автореферати диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи
ихтисос (доктори ҳабилитат,
номзад (доктор))-и илмҳои
_________________
(соҳаи илм) аз рӯйи ихтисоси_________

________________________________________
(макон ва соли таълифи автореферат)

**Замимаи 3**

Диссертатсия дар ________________________________иҷро шудааст
(номи муассисаи илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки дар он ҷо диссертатсия иҷро шудааст)

Роҳбари илмӣ (мушовири илмӣ)

______________________________________

(насаб, ном, номи падар (агар бошад), дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, вазифа, номи воҳиди сохтории муассисае, ки дар он ҷо роҳбари илмӣ (мушовири илмӣ) кор мекунад)

Муқарризони расмӣ:____________________________________________

(насаб, ном, номи падар (агар бошад), дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, вазифа, номи воҳиди сохтории муассисае, ки дар он ҷо муқарризони расмӣ кор мекунанд)

Муассисаи пешбар__________________________________________
(номи муассиса)

Ҳимояи диссертатсия санаи «____» _____________ соли 202___ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-0___ назди_________________
(номи муассисаи илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст)
____________________________________________ баргузор мегардад.
(суроға, e-mail, телефони котиби илмӣ)

Бо диссертатсия дар китобхонаи__________________________( номи муассисаи илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст)
_____________________________________шинос шудан мумкин аст.

Автореферат______________фиристода шудааст.
(сана)

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ (имзо)_________ ____.(сарҳарфи насабу ном)

**СОХТОРИ ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои самти илмҳои табиӣ-математикӣ, техникӣ, тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ**

**Сарсаҳифа**..........................................................................................................
**Мундарича**...........................................................................................................
**Номгӯи ихтисораҳо, аломатҳои шартӣ** (агар дар диссертатсия мавҷуд бошад) ..............
**Муқаддима**……………...……………………………………………………
- мубрамии мавзуи таҳқиқот;
- дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш;
- робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ;
**Тавсифи умумии таҳқиқот:**
- мақсади таҳқиқот;
- вазифаҳои таҳқиқот;
- объекти таҳқиқот;
- мавзуи (предмет) таҳқиқот;
- навгонии илмии таҳқиқот;
- аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот;
- нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда;
- дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо;
- мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот);
- саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот;
- тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар муассисаҳои таълимӣ);
- интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия;
- сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

**БОБИ 1. Шарҳи адабиёт** *(таҳлили адабиёти омӯхташуда ва андешаю ақидахои назариявӣ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, баён ва таҳлили масъалаҳои ҷойдошта, чӣ гуна натиҷаҳо ба даст оварда шудаанд, кадом масъалаҳо ҳал нашудаанд, нишон додани мавқеи таҳқиқот дар заминаи умумии таҳқиқи мавзуъ, асоснок кардани самти таҳқиқот бо сатҳи мавҷудаи рушди он, собит намудани аҳаммият ва мубрамии вазифаҳои ба миён гузошташуда ва ғ.*

**БОБИ 2. Мавод ва методҳои таҳқиқот**.........................................................
**БОБИ 3 ва ғайра. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастовардашуда**..................
**БОБИ .... Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот**...................………........................
**Хулосаҳо**..............................................................................................................
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**...........................
**Рӯйхати адабиёт**.........……………………………...……….........
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**........................................………
**Замимаҳо**.............................................................................................................

## СОХТОРИ ДИССЕРТАТСИЯ
### барои самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ

**Сарсаҳифа...........................................................................**
**Мундариҷа..........................................................................**
**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ.........................**
**Муқаддима:**
- мубрамии мавзуи таҳқиқот;
- дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ;
- робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ;

**Тавсифи умумии таҳқиқот:**
- мақсади таҳқиқот;
- вазифаҳои таҳқиқот;
- объекти таҳқиқот;
- мавзуи (предмет) таҳқиқот;
- фарзияи таҳқиқот;*
- марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**;
- асосҳои назариявии таҳқиқот;
- асосҳои методологии таҳқиқот;***
- сарчашмаи маълумот;****
- заминаҳои эмпирикӣ;*****
- пойгоҳи таҳқиқот;******
- навгонии илмии таҳқиқот;
- нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда;
- аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот;
- дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот;*******
- мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ;
- саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот;
- тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия;********
- интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия;
- сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

**БОБИ 1. ..........................................................................**
**БОБИ 2. ..........................................................................**
**БОБИ 3 ва ғайра. ...................................................................**
**Хулосаҳо...........................................................................**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.....**
**Рӯйхати адабиёт.........……………………**
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия..............................**

---

* Барои самти илмҳои педагогӣ, сиёсатшиносӣ, психологӣ ва иқтисодӣ

** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сотсиологӣ, таърих, фалсафа ва санъат

*** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сотсиологӣ ва фалсафа

**** Барои самти илмҳои педагогӣ ва иқтисодӣ

***** Барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ, фалсафа ва санъат

****** Барои самти илмҳои иқтисодӣ, педагогӣ, филологӣ, фалсафа ва санъат

******* Вобаста ба соҳаи таҳқиқот

******** Гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо, маҷлисҳо, семинарҳо, ҳангоми хондани маърӯзаҳо дар муассисаҳои таълимӣ

Замимаи 4
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 декабри соли 2024, № 493

# ТАРТИБИ
# иштирок ва баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби иштирок ва баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ (минбаъд - Тартиб) тибқи муқаррароти Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо мақсади ба низом даровардани иштироки маҷозии узв (аъзо)-и шурои диссертатсионӣ ва муқарризи расмие, ки бо сабабҳои узрнок имконияти иштирокро дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ (минбаъд - шуро) надоранд ва баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ, таҳия шудааст.

2. Мақсади баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ назорат ва таъмини баргузории босифати ҷаласаҳои шуроҳои диссертатсионӣ, таъмини шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар ҷараёни ҳимояи диссертатсияҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиён ва таъмини дастрасии васеъ ба раванди ҳимояи дисертатсия.

## 2. Тартиби баргузор намудани ҷаласаҳои маҷозии шуроҳои диссертатсионӣ

3. Шуроҳои диссертатсионӣ вазифадоранд, ки ҷаласаҳои худро тариқи маҷозӣ ба роҳ монанд. Мақсад аз баргузории маҷозии ҷараёни ҳимояи диссертатсияҳо татбиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643), таъмини шаффофияти фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, ҳимояи диссертатсияҳо тариқи ошкоро, бо мубоҳисаи илмӣ, серталабӣ, воқеъбинӣ, масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ мебошад.

4. Барои баргузор намудани ҳимояи диссертатсия тариқи маҷозӣ истифодаи платформаи Zoom ба мақсад мувофиқ аст.

5. Ҳадди ақали талаботи техникии платформаи Zoom дар компютер/ ноутбукҳо чунин аст:

- Zoom бояд иҷозатномаи истифодабарӣ дошта бошад;

- Системаи амалиётӣ: Windows ва ё MacOS;
- Протсессор: 2 ГҲс;
- Хотираи фаврӣ: 4 ГБ;
- Диски сахт: 1 ГБ ҳаҷми холӣ ва зиёда аз он;
- Гунаи системаҳои амалиётӣ: Windows 7, 8, 8.1, 10, 11 / macOS 10.9 ва ё болотар аз он;
- Интернет: суръати пайвастшавӣ 1 Мбит/с ва зиёда аз он.

Таҷҳизоти иловагӣ:

- Истифодаи баландгӯякҳо барои беҳтар сабт намудани овоз;
- Веб-камераҳои пешбинишуда барои видеоконфронс.

6. Масъулини шуро иттилоияи пайвастшавиро ба ҳимояи диссертатсияҳои тариқи маҷозӣ баргузоршаванда на дертар аз як рӯз пеш аз ҳимоя ба суроғаи электронии himoya@vak.tj ирсол месозанд.

7. Кормандони Комиссия тариқи платформаи Zoom ба ҷаласа пайваст шуда, риоя гардидани талаботи меъёрӣ-техникиро дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия назорат мебаранд.

8. Дар раванди баргузории маҷозии ҷаласа аъзои шуро уҳдадоранд талаботи муқарраршуда ва одоби илмиро риоя карда, фаъолона дар мубоҳисаҳои илмӣ иштирок намоянд.

9. Аъзои шуро, ки тартиби ҷориро дар рафти ҳимоя вайрон мекунанд огоҳ карда шуда, дар мавриди такроран содир кардан, масъалаи аз ҳайати шуро баровардани онҳо баррасӣ карда мешавад.

## 3. Тартиби иштироки маҷозӣ дар ҷаласаҳои шуроҳои диссертатсионӣ

10. Тартиби мазкур нисбат ба иштироки раиси шуро, котиби илмии шуро ва довталаби дараҷаи илмӣ, ки тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштироки ҳузурии онҳо ҳатмӣ мебошад, татбиқ намегардад.

11. Тарзи иштироки маҷозии муқарризи расмие, ки ба диссертатсия тақризи манфӣ додааст, бо риояи муқаррароти банди 91 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба роҳ монда мешавад.

12. Бо сабабҳои узрнок то 3 узви шуро метавонад тариқи маҷозӣ дар ҷаласаи шуро иштирок намояд.

13. Дар ҳолати бо тариқи маҷозӣ иштирок кардани узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ сабабҳои узрноке, ки иштироки ҳузурии онҳоро имконнопазир менамояд, дар протоколи ҷаласаи шуро қайд карда мешавад.

14. Ҳангоми иштироки маҷозӣ риоя кардани талаботи зерин ҳатмист:

- узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ то се рӯз пеш аз ҳимоя шуроро тариқи хаттӣ огоҳ менамояд, ки ӯ ба шуро тариқи маҷозӣ, тавассути шабакаҳои интернетии Skype, Zoom, Microsoft Team ва ғайра, ки барои

гузаронидани конференсияҳои маҷозӣ сохта шудаанд, бо сабти видеоӣ ва аудиовизуалӣ иштирок мекунад. Инчунин дар хабарнома бояд сабаби узрноки чунин тарзи иштирокро баён намуда, дар доираи имконият нусхаи тасдиққунандаи ҳуҷҷатро пешниҳод намояд;

- шуро бояд то ду рӯз пеш аз ҳимоя аз ин ҳолат Комиссияро тариқи хаттӣ ё электронӣ огоҳ намояд ва барои таъмини сифати иштироки маҷозӣ чораҳои зарурӣ андешида, компютер ва дигар таҷҳизоти техникиро фароҳам оварда онҳоро бо шабакаи интернет пайваст намояд;

- узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ тариқи маҷозӣ бояд аз оғози кори ҷаласа ба шуро пайваст шуда, то охири ҷаласа иштирок намояд;

- пайвастшавӣ ва иштирок тавассути алоқаи мобилӣ ё ҳаракат дар ҷойҳои ҷамъиятӣ манъ аст;

- ҳангоми иҷозати суханронӣ узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ, ки тариқи маҷозӣ иштирок карда истодааст, бояд аз куҷо пайваст шуданашро қайд намояд.

15. Иштироки маҷозии узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла Facebook, Instagram, Ok.ru, WhatsApp, WA Business, Telegram, imo, Viber, Messenger, WeChat, Line, ВКонтакте ва ғайра иҷозат дода намешавад.

16. Барои иштироки маҷозӣ чунин сабабҳо узрнок дониста мешаванд:

- дар сафари хизматӣ қарор доштан;

- ба ҳайси узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ таъйин гардидани шаҳрванди хориҷӣ;

- ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ, ки дар вақти муайяншуда ба ҷаласаи Шуро ҳозир шудани муқарризи расмиро истисно мекунад (обхезӣ, тармафароӣ ва ғайра, ки боиси бандшудани роҳҳо мегардад);

- ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ;

- бинобар беморӣ, ки бо хулосаи мутахассиси соҳа ҳаракат кардан ба ҳаёт ва саломатии шахс зарар дорад, аз ҷумла ба бемориҳои сирояткунанда гирифтор шудан.

17. Дар сурати аз оғоз то охири ҷаласаи шуро узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ тариқи маҷозӣ иштирок намояд, ҳамчун ҳозирбуда ба ҳисоб меравад.

18. Ҳангоми дар рафти ҷаласа канда шудани хатти пайвасти маҷозӣ муқарризи расмие, ки ба диссертатсия тақризи манфӣ додааст ва тибқи муқаррарот иштироки ӯ ҳатмӣ мебошад, агар дар давоми 30 дақиқа такроран ба ҷаласаи шуро пайваст шуда натавонад, рафти ҷаласа қатъ карда шуда, бо огоҳ намудани Комиссия ҳимояи диссертатсия ба вақти дигар гузаронида мешавад.

19. Иштироки узв (аъзо)-и шуро, ки тариқи маҷозӣ пайваст шудааст, аз аввал то охири ҷаласаи ҳимояи диссертатсия ҳатмӣ аст. Узв (аъзо)-и шуро, ки тариқи маҷозӣ иштирок мекунад, бо ҳамин тарз дар овоздиҳӣ низ

иштирок карда, рафти овоздиҳии ӯ ба навор гирифта шуда, ба ҷойи ӯ котиби илмӣ варақаи овоздиҳиро ба қуттӣ мепартояд.

20. Натиҷаҳои овоздиҳӣ дар протокол сабт карда мешаванд.

Дар сурати тариқи маҷозӣ дар ҷаласаи шуро иштирок доштани узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ рафти ҷаласа бояд ҳамон тарзе ба навор гирифта шавад, ки дар фосилаҳои наздик онҳо намоён бошанд.

21. Дар пайнавис ва сабти видеоӣ таҳрифу сохтакорӣ, ки гӯё узв (аъзо)-и шуро ё муқарризи расмӣ тариқи маҷозӣ иштирок карда бошад, қатъиян манъ аст.

22. Дар сурати вайрон гардидани тартиби муқарраргардидаи раванди ҳимояи маҷозии диссертатсия масъулини шурои диссертатсионӣ огоҳ карда шуда, ё ҳимоя боздошта мешавад.

23. Масъулияти ташкил ва баргузории ҳимояи маҷозии диссертатсия ба зиммаи котиби илмии шурои диссертатсионӣ вогузор карда мешавад.

## ОИД БА ТАЪСИСИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Номгӯйи
ҳуҷҷатҳо барои таъсиси шурои диссертатсионӣ
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295)

Замимаи 1
ба Низомномаи
шурои диссертатсионӣ

*1. Дархостнома барои ташкили шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шурои олимони (техникии) муассиса маъқул дониста шудааст, бояд дастовардҳои илмии муассиса дар соҳаи дахлдори илм, шумораи умумии докторҳои илм аз рӯи ихтисосҳои шуро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар муассиса, мавҷудияти аспирантура (адъюнктура), докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторатура дар ин муассиса, мавҷудияти зерсохторе, ки аз рӯи ихтисоси шуро таҳқиқ мебарад, асосноккунии таъсиси шуро аз рӯи самти дахлдор (шакли 1)-ро дар бар гирад.*

*2. Маълумот дар бораи муассиса (шакли 2).*

*3. Рӯйхати интишороти асосии кормандони муассиса дар 5 соли охир аз рӯи ихтисосҳои шуро (на зиёда аз 15 номгӯй) (шакли 3).*

*4. Маълумот дар бораи аъзои шурои диссертатсионӣ (шакли 4).*

*5. Нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мавҷудияти докторантура аз рӯи ихтисос, аспирантура (адъюнктура), докторантура, постдокторантура, шаҳодатномаи аккредитатсионӣ, иҷозатномаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди фаъолияти таҳсилот дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва муассисаҳои илмӣ.*

*6. Нусхаи дипломҳо оид ба дараҷаи илмӣ ва шаҳодатномаҳо оид ба унвони илмии номзадҳо ба узвияти шурои диссертатсионӣ.*

*7. Нусхаи суратмаҷлиси шурои олимони (техникии) муассиса оид ба тасдиқи рӯйхати номзадҳо ба узвияти шурои диссертатсионӣ бо замимаи натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии интихоби раис, муовини раис ва котиби илмии шурои диссертатсионӣ (шакли 6).*

*8. Розигии хаттии ҳар як номзад ба узвияти шурои диссертатсионӣ (шакли 7).*

*9. Рӯйхати мухтасари номзадҳо ба узвияти шурои диссертатсионӣ (шакли 5).*

**Эзоҳ**: Номгӯй тибқи талаботи банди 15 Низомномаи шурои диссертатсионӣ таҳия гардида, рӯйхати ҳатмии ҳуҷҷатҳоеро муайян мекунад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъсиси шуроҳои диссертатсионӣ ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Ҳуҷҷатҳо ба Комиссия дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

НАМУНАИ ҲУҶҶАТҲО

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17тел.: (+992-37) 221-77-11,
факс: (+992-37) 221-48-84 tgnu@mail.tj,

аз «____» _______ сол 2017 №________________

Шакли 1

Ба раиси Комиссияи олии аттестатсионии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муҳтарам ______________________________

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои тасдиқи шурои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D010300–Педагогика ва равоншиносӣ, 6D012000–Таълими касбӣ (аз рӯи__________ соҳаҳо) дархост менамояд.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муассисаи бузурги таълимӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои ____ факултет, ___ кафедраи умумидонишгоҳӣ, Институти илмӣ-таҳқиқотӣ, ____ озмоишгоҳи таълимӣ-илмӣ ва ___ озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад, ки аз рӯи ____ ихтисос мутахассис тайёр менамоянд. Ба корҳои илмӣ-таълимӣ ____ нафар устод, аз ҷумла, ___ нафар академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ____ нафар узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ___ нафар доктори илм ва профессорон, ___ нафар номзадҳои илм ҷалб шудаанд. Ҳайати профессорон ва устодон дар ___ самт, оид ба ___ масъалаҳо ва ____ мавзуъҳои илмӣ корҳои таҳқиқотиро анҷом медиҳанд.

Дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон докторантураи (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, аспирантура ва докторантура аз рӯи ихтисосҳои пешниҳодшуда (__________) амал мекунад.

Аз рӯи ихтисосҳои пешниҳодшуда ба ғайр аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар институтҳои илмӣ-таҳқиқотии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (дар кадом институтҳо номбар карда шавад) ва __________ таҳқиқот бурда мешавад. Ҳамчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисосҳои пешниҳодшуда ___нафар докторони илм кору фаъолият менамоянд, аз он ҷумла дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон __ нафар.

Вуҷуд доштани норасоии кадрҳои баландихтисоси илмӣ-омӯзгорӣ дар соҳаи илмҳои пешниҳодгардида тақозо мекунад, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкили шурои диссертатсионӣ оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии ________мувофиқи мақсад дониста шавад. Фаъолияти худро шурои диссертатсионӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, оид ба воқеъбинона ва асоснок будани қарорҳои қабулнамуда дар мавриди мувофиқати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз *«____»__________ соли 2021, №* ___ тасдиқ намудааст, ҷавобгар мебошад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъмини шароити заруриро барои фаъолияти шурои диссертатсионӣ ва ҷудо намудани маблағи заруриро барои баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия кафолат медиҳад. Шурои диссертатсионӣ имконияти сабти аудиоӣ, видеоии рафти маҷлисҳо ва санҷиши маводи истифодашудаи бе истинод ба муаллиф ва маъхазҳои илмии дигар, инчунин, ҳиссаи муаллиф дар таълифоти бо ҳаммуаллиф интишоршударо, ки дар диссертатсия истифода шудааст, дорад.

Бо дарназардошти таҷрибаи корӣ, шароити мусоид ва миқдори кофии докторони илм ва номзадҳои илм аз рӯи ихтисосҳои пешниҳодшуда, ҳамчунин ниёз ба мутахассисони баландихтисос аз рӯи ихтисоси пешниҳодшуда Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хоҳиш менамояд, ки ҳайати пешниҳодшудаи шурои диссертатсиониро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисос, ки ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ аз «____»__________соли 2021, № ____ мувофиқ аст, тасдиқ намоед.

Ба ҳайати шурои диссертатсионӣ __ доктори илм, __ номзади илм, аз рӯи __ ихтисос дохил карда шудаанд, ки аз онҳо ___ нафар кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамаи докторони илми пешниҳодшуда то имрӯз ба узвияти на зиёда аз 2 шурои диссертатсионӣ ва номзадҳои илм на зиёда аз як шурои диссертатсионӣ шомиланд.

Ҳамаи аъзои шурои диссертатсионӣ барои узвият ба шурои диссертатсионии мазкур розигӣ доданд.

Нишонии муассиса: 743025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, ___, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сомонаи интернетӣ:______e-mail: _________

Ректор ______________

Шакли 2

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАССИСА

(замима ба дархостномаи ___________________________ «___»_____ 20_
№ ____ )
номи муассисае, ки дархостномаро пешниҳод намудааст

| Маълумот оид ба муассиса (дар муддати 5 соли охир то рӯзи пешниҳоди дархостнома) | | Ҳамагӣ дар муас-сиса | Аз ҷумла, аз рӯи ихтисоси илмии пешниҳодшуда (соҳаҳои илм) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | --------- | ---- | ---- | | - |
| Маълумот оид ба муттахассисони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории муассиса (дар ҳолати то 1 январи соли ҷорӣ) | Ҳамаи кормандони илмӣ-омӯзгорӣ, (нафар) | | | | | | |
| | Академик ва узви вобастаи академияҳои соҳавӣ, (нафар) | | | | | | |
| | Доктори илм, (нафар) | | | | | | |
| | Номзади илм, (нафар) | | | | | | |
| | Доктори фалсафа (PhD), (нафар) | | | | | | |
| Маълумот оид ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ | Ҳамаи кормандони илмӣ-омузгорӣ, (нафар) | | | | | | |
| | Доктори илм, (нафар) | | | | | | |
| | Номзади илм, (нафар) | | | | | | |
| | Доктори фалсафа (PhD), (нафар) | | | | | | |
| Докторантура аз рӯи ихтисос, аспирантура (адъюнктура), докторантура, унвонҷӯӣ (дар ҳолати то 1 январи соли ҷорӣ) | Шумораи ихтисосҳои докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) | | | | | | |
| | Шумораи ихтисосҳои аспирантура | | | | | | |
| | Шумораи ихтисосҳои докторантура | | | | | | |
| | Шумораи докторони фалсафа (PhD) (нафар) | | | | | | |
| | Шумораи аспирантон (нафар) | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи докторантон (нафар) | | | | | | |
| | Шумораи унвонҷӯён (нафар) (номзад, доктор) | | | | | | |
| Маълумот оид ба таҳқиқоти илмӣ аз рӯи барномаҳои илмӣ-техникӣ (БИТ) бо маблағгузории буҷетии ҷумҳуриявӣ, барномаҳои мақсаднок, грантҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва ғ. | Миқдори корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ (КИТ) ҳамагӣ (адад) | | | | | | |
| | Аз тарафи давлат пешниҳодшуда (адад) | | | | | | |
| | Мувофиқи барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ (БМҶ) (адад) | | | | | | |
| | Грантҳои ҷумҳуриявӣ ва ғ. (адад) | | | | | | |
| | БИТ-и соҳавӣ (бо шартномаҳои давлатӣ ва хусусӣ) (адад) | | | | | | |
| | БИТ минтақавӣ (бо шартномаҳои давлатӣ ва хусусӣ) (адад) | | | | | | |
| | Дигар барномаҳо, аз он ҷумла, тибқи маблағгузории дохилии муассиса (адад) | | | | | | |
| | Ҳаҷми маблағгузории КИТ ҳамагӣ (ҳазор сомонӣ) | | | | | | |
| | Аз тарафи давлат пешниҳодшуда (ҳазор сомонӣ) | | | | | | |
| | Мувофиқи барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ (БМҶ) (ҳазор сомонӣ) | | | | | | |
| | Грантҳои ҷумҳуриявӣ ва ғ. (ҳазор сомонӣ) | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | БИТ-и соҳавӣ (бо шартномаҳои давлатӣ ва хусусӣ), ҳазор сомонӣ | | | | | | |
| | БИТ минтақавӣ (бо шартномаҳои давлатӣ ва хусусӣ), (ҳазор сомонӣ) | | | | | | |
| | Дигар барномаҳо, аз он ҷумла тибқи маблағгузории дохилии муассиса (ҳазор сомонӣ). | | | | | | |
| Маълумот оид ба шумораи интишо-роти кормандони муассиса дар мавзуи ихтисоси илмии пешниҳодшуда (дар 5 соли охир) | Миқдори монографияҳои тақризшавандаи чопшуда, (ҳаҷм – на камтар аз 10 ҷ.м., адади нашр – на камтар аз 250 нусха) (1ҷилди муаллифӣ = 40000 алом.чопӣ) | | | | | | |
| | Миқдори интишороти илмии (бидуни такрор) дар нашрияҳои пойгоҳи додаҳои байналмилалӣ иқтибосӣ-таҳлилии Web of Science ва Scopus, инчунин дар пойгоҳи додаҳои махсуси Astrophysics, PubMed, Mathematics, Chemical Abstracts, Springer, Agris, GeoRef, MathSciNet, BioOne, Compendex, CiteSeerX ва ғ. нашршуда | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдори интишороти илмӣ дар маҷаллаҳои ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ҶТ ва Федератсияи Россия шомилбуда | | | | | | |
| | Миқдори патентҳо ва ихтироот (амсилаҳо) | | | | | | |
| | Миқдори шаҳодатномаҳо оид ба қайди барномаҳои компютерӣ, пойгоҳи додаҳо ва ғ. | | | | | | |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии илмӣ | Миқдори иқтибосҳо ба интишорот дар пойгоҳи додаҳои байналмилалии Web of Science/Scopus | | | | | | |
| | Миқдори мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии дорои импактфактори на камтар аз 0,1 мувофиқи Шохиси иқтибосҳои илмии Россия (ШИИР) | | | | | | |

Роҳбар (муовини роҳбар)-и муассиса

____________________ (имзои роҳбар (муовини роҳбар)-и муассиса)

______________________________ (сарҳарфи ном, насаби роҳбар (муовини роҳбар)-и муассиса)

(муҳри муассиса)

(сана)

Шакли 3

РӮЙХАТИ

интишороти асосии кормандони муассиса доир ба самтҳои илмии дахлдори шурои диссертатсионӣ дар 5 соли охир

